**Умрилло Меликов**

# Иттилоот дар интернет: танзими ҳуқуқӣ

**Душанбе-2011**

**ББК 73:43 (076)**
**М- 47**

Китоб бо дастгирии молиявии Шӯъбаи Ташкилоти Байналмилалии Институти «Ҷамъияти Кушода» - Бунёди Мадад дар Тоҷикистон ба табъ расидааст.

*Умрилло Меликов.* Иттилоот дар интернет: танзими ҳуқуқӣ. - Душанбе, «Эр-граф», 2011. -104 саҳ.

Ин китоб дар шароити истифодаи васеъ аз воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои журналистон ва ҳамаи истифодабарандагони ин васоит тавсияномаи ҳуқуқиву маърифатист. Он барои оммаи васеи мухлисони соҳа пешбинӣ гардидааст.

© Шӯъбаи Ташкилоти Байналмилалии Институти «Ҷамъияти Кушода» - Бунёди Мадад дар Тоҷикистон, 2011

© Умрилло Меликов, 2011

# МУНДАРИҶА


| | | |
|---|---|---|
| | Пешгуфтор…………………………………… | 4 |
| 1. | Мафҳумҳои асосӣ………………………… | 6 |
| 2. | Порае аз таърихи пайдоиши интернет………… | 9 |
| 3. | Ҳуқуқи  дастрасӣ ба иттилоот тавассути интернет............................................................ | 10 |
| 4. | Ҳуқуқи ҷойгир ва паҳн намудани иттилоот дар интернет……………………………… | 18 |
| **5.** | Риояи  ҳуқуқи муаллиф ҳангоми истифодаи интернет……………………………………… | 30 |
| 6. | Ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ҳангоми истифодаи интернет……………………………………… | 48 |
| 7. | Таҷрибаи ҷаҳонии танзими муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба интернет……………….. | 53 |
| 8. | Шартномабандӣ ҳангоми истифодаи интернет……………………………………… | 61 |
| 9. | Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани ҳуқуқи муаллиф ҳангоми истифодаи интернет……………………………………… | 80 |
| | Замима……………………………………... | 87 |
| | Сарчашмаҳои истифодашуда…………………… | 100 |
| | Рӯйхати калимаҳои ихтисоршуда …………….... | 103 |

# Пешгуфтор

Моликият ва иттилоот имрӯзҳо асоси зиндагии моро ташкил медиҳанд ва онҳо доимо мавриди таваҷҷӯҳ ва сабабгори ин ё он воқеаҳои муҳими ҷамъиятию сиёсӣ ва ё шахсӣ мебошанд. Дар ин радиф пайдоиши интернет ба гардиши моликият ва иттилоот таъсири мусбат расонид. Он ифодагари натиҷаи фаъолияти зеҳнии инсон тавассути шабакаи умумиҷаҳонӣ ва таҷҳизоти компютерӣ мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, интернет, ҳамчун як дастоварди бузурги илмӣ – техникӣ дар замони муосир мавриди омӯзиш ва таҳлили мутахассисони соҳаҳои гуногун қарор мегирад.

Ҳар нафар интернетро чун воситае истифода мекунад. Яке дар он иттилооти заруриро ҷустуҷӯ менамояд, дигаре иттилоотро паҳн мекунад, сеюмин тавассути он ба мағозаҳои электронӣ ворид мешавад, чаҳорумин дар он ба бозиҳои гуногун машғул мешавад, панҷумин маблағҳои худро интиқол медиҳад, шашумин тавассути интернет ба хизматрасониҳои гуногун машғул мешавад ва ғ. Яъне, маҳз имкониятҳои гуногун доштани интернет табиати ҳуқуқии онро мураккаб намуда, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ қабули қонуни махсусро дар бораи интернет душвор гардонидааст.

Имрӯзҳо ҳар як мутахассис дар доираи фаъолияти худ аз ин восита истифода мебарад. Бинобар ин ҳангоми истифодаи интернет ба назари мо маъмулан ду масъала аз лиҳози қонунгузорӣ муҳим мебошад: ҳангоми истифода бурдани интернет барои мо чӣ **иҷозат** аст ва чӣ **манъ** шудааст. Масъалаҳои номбаршуда ба ҳар як соҳа дахл доранд, аммо азбаски китоби мазкур бештар барои журналистон тавсия мешавад, бинобар ин ҳангоми матраҳ намудани мавзӯъ мо бештар ба вижагиҳои фаъолияти журналистон ҳангоми истифода аз интернет диққат медиҳем.

Фаъолияти имрӯзаи журналистон ва умуман эҷодкоронро бидуни истифодаи интернет тасаввур кардан душвор аст. Интернет ба сарчашмаҳои бузург шароити дастрасӣ медиҳад. Тавассути он бархе аз шахсон ҳамарӯза ҳазорон асарҳоро ғайриқонунӣ истифода мебаранд. Агар диққат диҳем, баъзан як хабар дар даҳҳо сайт (сомонаҳо, торнамоҳо) ҷой дода мешавад, аммо маълум нест, ки сарчашмаи асосӣ кадом аст. Истинод ба сарчашма ҳангоми хабаррасонӣ баъзан риоя намешавад. Ҳамкорӣ бо журналистон ва саволгузориҳои онҳо доир ба масъалаҳои ҳуқуқии вобаста ба истифода аз интернет, риояи ҳуқуқҳои муаллиф дар интернет ва дигар масъалаҳои ҷолиби диққат моро водор намуд, ки иқдоми таҳия намудани чунин китобро пеш гирем. Мураттаб намудани чунин як маводи ҳуқуқӣ, на хости тасодуфӣ, балки зарурати воқеие мебошад, ки онро замон тақозо мекунад. Чунин гузориши масъала нахустин бор сурат мегирад, бинобар ин агар доир ба такмил додани он дар оянда пешниҳодҳо пайдо шаванд, мо интизори тамос бо шумо ҳастем (m.umrillo@gmail.com).

# 1. Мафҳумҳои асосӣ

**Интернет** – маҷмӯи шабакаҳои иттилотӣ-коммуникатсионие мебошад, ки компютерҳоро, новобаста аз ҳудуди ҷойгиршавиашон, бо истифода аз протоколи интернет (IP) ва протоколи таҳвили иттилоот (TCP) ба якдигар пайваст мекунад.

**Сайт** (сомона, торнамо, саҳифа дар интернет) – маҷмӯи иттилоот ва нармафзор (программное обеспечение), ки дар шакли муайян ва бо ҳам алоқаманд (абарматн) ифода шудааст ва тавассути суроғаи муайяни интернетӣ дастрас аст.

**IP-** номи ихтисоршудаи протоколи интернет аст. Стандарте мебошад, ки тавассути он компютери ба интернет пайвастбуда рақами мушаххасро бояд дошта бошад. IP аз чор гурӯҳ рақам иборат аст ва рақамҳои аз 0 то 255 – ро дар бар мегирад. Ин чор гурӯҳ рақам тавассути нуқтагузорӣ пайдарҳам навишта мешаванд. Масалан: 123. 234.122. 14

**Домейн** – ин ифодаи IP бо ҳарфу ададҳост, ки хониши онро осон мегардонад. Агар IP бо рақам ишора шавад, пас домейн ҳамин IP-ро дар шакли хаттӣ бо калимаҳои пурра ё нопурра бо ҳарфҳои алифбои англисӣ ифода мекунад. Масалан агар 193.111.11.3 - IP сайти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, пас домейни он чунин ном дорад - www.parlament.tj . Яъне домейн барои дар хотир нигоҳ доштани суроғаи сайт дар интернет хизмат мекунад. Ба мисли он аст, ки мо дар телефонҳоямон рақами телефони ягон шахсро навишта, номашро сабт мекунем.

**WWW** (World Wide Web) — технологияе, ки тавассути он маводҳо дар интернет дар шакли абарматн эҷод, таҳрир, ҳифз ва дастрас карда мешаванд.

**URL-** суроғаи сайт ё маводи дигари дар интернет ҷойдодашуда, ки иборат аст аз номи протокол, масалан

"http", ва дигар нишондиҳандаҳое, ки тавассути он ба сайт роҳ кушода мешавад. Масалан: http://www.mmk.tj

**E-mail** - технологияе мебошад, ки тавассути он мубодилаи мактубҳо дар шакли электронӣ дар шабакаи компютерҳо (интернет) сурат мегирад.

**Сервер** — таҷҳизот ва барномаҳое, ки дар заминаашон намудҳои гуногуни хизматрасонӣ (сайт, почтаи электронӣ ва ғ.) таъмин карда мешаванд.

**Провайдер** (provider, Internet Service Provider, ISP) – ташкилоте, ки дастрасӣ ба хизматрасонии вобаста ба интернетро таъмин менамояд.

**Блог** - сайте мебошад, ки шахс дар он пайваста ақидаҳояшро доир ба масъалаҳои рӯзмарра менависад, сабтҳо ё маводҳои худро дар шаклҳои гуногун дастраси омма мегардонад. Ҳамзамон шахсони дигар имкон доранд, ки бо блогдор дар худи блог доир ба маводҳои дар блог мавҷудбуда мубоҳиса кунанд.

**Реклама -** иттилооте, ки дар ҳар шакл, тавассути ҳар навъ воситаҳо оид ба шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо (ахбори рекламавӣ) паҳн мешаванд ва барои доираи васеи шахсон пешбинӣ шуда, ҷиҳати ташаккул ё дастгирии шавқмандӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо таъин гардида, барои фурӯхтани молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо мусоидат менамояд.

**Спам** - паҳн кардани рекламаи тиҷоратӣ, сиёсӣ ва дигар намуди иттилоот аз ҷониби шахсони манфиатдор ба таври оммавӣ ё ба доираи шахсони муайяне, ки пешакӣ доир ба қабули чунин иттилоот изҳори розигии накардаанд.

**Ҳостинг -** аз калимаи англисии «host» гирифта шуда, ба маънои «соҳибӣ кардан», «хӯҷаин будан», истифода мешавад. Ҳостинг хизматрасониест, ки тибқи он ташкилот дастрасии сайти муштариро дар интернет таъмин мекунад. Сайт бояд дар ҳаҷми муайяншуда, дар

сервере, ки доим бо интернет пайваст аст, қарор дошта бошад. Дар сервери ин ташкилотҳо садҳо сайтҳо ҷойгир ва ҳифз карда мешавад. Соҳиби ҳар сайт бо истифода аз ном ва парол ба сайти худ ворид шуда, метавонад онро такмил диҳад ё таҳрир кунад. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд ташкилоте амал мекунанд, ки метавонанд хизматрасонии ҳостингӣ расонанд. Аммо, мутаассифона, ҳанӯз нуфузи онҳо чашмнорас аст. Чунки қисме аз сайтҳои тоҷикистониро соҳибонашон дар сервери ташкилотҳои бурунмарзӣ ҷой додаанд. Хуб мешавад, ки ин самти муҳими рушди иттилоот ва коммуникатсия мавриди диққати истифодабарандагони ватанӣ бошад[1].

[1] Маълумоти муфассал доир ба мафҳумҳо ва терминҳои вобаста ба интернет дар сайти – http://your-hosting.ru/terms/ra/

## 2. Порае аз таърихи пайдоиши интернет

Интернет ҳамчун дастоварди илмӣ-техникӣ дар охири асри гузашта пайдо шудааст. Соли 1958 дар ИМА лоиҳае ба хотири таъминоти бехатарӣ оғоз гардид. То соли 1969 мутахассисон барои пайваст намудани алоқа байни компютерҳо кӯшишҳои зиёд намудаанд. Соли 1969 дар ИМА алоқаи байни компютерҳо ба роҳ монда шуд.

Дар ин радиф соли 1970 почтаи электронӣ аз ҷониби Р. Томлисон ихтироъ шуд. Соли 1976 Р. Меткалф якумин шабакаи маҳаллии компютерҳоро ташкил кард. Рӯз то рӯз шумораи компютерҳое, ки байни ҳам пайваст мешуданд, меафзуд. Ин технология ба Аврупо ҳам паҳн гардид. Соли 1991 дар Аврупо протоколи WWW (Word Wide Web ) ихтироъ гардид, ки он заминаи васеъро барои афзоиши пайвастшавии компютерҳо фароҳам овард[2].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995 шабакаи компютерҳо якумин маротиба бо ташаббуси ташкилоти амрикоии CADA пайваст гаштанд ва тавассути он асосан хизматрасонии почтаи электронӣ ба роҳ монда шуд.

Соли 1998 Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Телекомм Технолоджи" аввалин маротиба ҳамчун провайдери интернет барои тоҷикистониён хизматрасонии бархати (онлайни) интернетро ба роҳ мондааст. Мувофиқи маълумотҳои таҳлилгарон, то имрӯз шумораи истифодабарандагони доимии интернет 600 000 ва шумораи умумии истифодабарандагон зиёда аз якуним миллион мебошад[3].

Ҳамин тариқ, дар муддати на он қадар зиёд интернет рушд намудааст ва айни ҳол имкониятҳои хизматрасонӣ тавассути интернет рӯз то рӯз афзоиш ёфта, аҳолӣ тадриҷан ба он одат карда истодааст.

---

[2] Ниг.: Антон Серго. Домейнные имена в свете нового законодательства. М., 2010. С. 9-10.

[3] Ниг.: Исследование электронной готовности Республики Таджикистан./ Зери таҳрири Қосимов Р.С., Душанбе, 2010. С. 15 -17.

## 3. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот тавассути интернет

Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот яке аз ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар як шахс мебошад. Дар назари аввал ин масъала оддӣ менамояд. Яъне, ҳар шахс ҳуқуқ дорад иттилооти ба ӯ заруриро ба даст орад. Аммо дар асл механизми таъмини иттилоот масъалаи хеле мураккаб аст. Зеро, аввалан, қонунгузорӣ доир ба иттилоот дар ҷомеаи мо акнун (дар 20 соли охир) мукаммал шуда истодааст. Баъдан, ҷомеаи мо тайи солҳои зиёд зери фишори тоталитаризм қарор дошт, бинобар ин дар тафаккури ҷомеа асари чунин муносибат то ҳол вуҷуд дорад.

Дар муносибатҳое, ки доир ба иттилоот ба вуҷуд меоянд принсипҳои ошкоро, объективӣ, саривақт дастрас будани иттилоот, ҷавобгарӣ барои пешниҳод накардани он ва ғ., бояд мавриди корбарӣ қарор дода шаванд. Дарк ва амалӣ намудани принсипҳои номбурда аз ҷомеа маърифати баланди ҳуқуқиро талаб мекунад.

Ҳамзамон, дар ҷумҳурии мо таҷрибаҳои ҳимояи судии ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот вуҷуд надорад, ки ин ҳам ба инкишофи фазои иттилоотӣ таъсири худро мерасонад.

Дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» муқаррар шудааст, ки «ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот – ҳуқуқи ҳар шаҳрванд ба ҷустуҷӯи озодонаи иттилоот ва ба даст даровардани он аз мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ, дигар мақомоту ташкилотҳое, ки давлат ба онҳо ваколатҳои омирона додааст, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (минбаъд – мақомот ва ташкилотҳо), шахсони мансабдори онҳо, ки ин иттилоотро қонунан дороянд».

Зиёда аз ин ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот танҳо дар доираи мафҳуми мазкур маҳдуд намешавад. Яъне шахсон натанҳо иттилоотро аз мақомоти дорои ваколати омирона

дастрас карда метавонанд, балки барои онҳо сарчашмаи иттилоот воситаҳои ахбори омма (минбаъд -ВАО) низ мебошад, ки қисме аз онҳо ба соҳибкорон дахл дорад. Дар моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» низ муқаррар шудааст, ки ҳар шаҳрванд ҳуқуқ дорад, тавассути ВАО ба иттилоот дастрасӣ дошта бошад.

Бояд қайд кард, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот натанҳо ба шаҳрванд, балки ба шахсони ҳуқуқӣ низ дахл дорад. Журналистон, вақте ки барои дарёфти ин ё он иттилоот ба мақомоте муроҷиат мекунанд, аслан аз номи редаксияи ВАО баромад мекунанд. Яъне, ҳангоме ки чунин субъектҳо барои дастрасӣ ба иттилоот муроҷиат мекунанд, тарафи дигар (мақомоти давлатӣ) ӯҳдадор аст, ки иттилооти дархостшударо тибқи қонунгузорӣ таъмин намояд. Зиёда аз ин, ҳар шахси ҳуқуқӣ метавонад барои дастрасӣ ба иттилооте, ки ба онҳо дахл дорад, ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ муроҷиат намояд.

Иттилоот намудҳои хеле зиёд дорад. Ҳар нафар барои дарёфти намуди муайяни иттилоот муроҷиат мекунад. Муҳим ин аст, ки муроҷиат бомавқеъ ва ба суроғаи аниқ бошад. Дар ин радиф барои дарёфти иттилоот интернет хеле муфид аст ва корро осон менамояд.

Масалан, итилоот дар бораи сохтори вазорат ё ному насаби шахсони масъули зерсохторҳои мақомоти давлатӣ, суроға, вазифаҳои онҳо, ҳисоботи корию чорабиниҳои гузаронида ва банақшагирифтаи онҳо ва дигар маълумотро тавассути интернет дастрас кардан осонтар аст (агар чунин маълумот дар сайтҳои мақомоти дахлдор ҷойгир шуда бошад). Хеле хуб аст, ки имрӯзҳо як қисми мақомоти давлатӣ соҳиби сайти худ мебошанд.

Яъне интернет имрӯз кори ҷӯяндаҳои иттилоотро хеле осон намудааст. Агар дар сайт маълумот ҷойгир шуда бошад, баъзе расмиятҳо (муроҷиати хаттӣ) дигар зарур

нест. Чунон ки гуфтем, масалан, агар ба сайти Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон http://www.mfa.tj дароем, он ҷо аллакай як қисми маълумот вуҷуд дорад. Дар ҳолате ки чунин маълумот вуҷуд надошта бошад, пас нафари ҷӯяндаи иттилоот метавонад бевосита ба таври хаттӣ муроҷиат намояд. Хурсандиовар аст, ки рӯз то рӯз шумораи иттилооте, ки дар сайти мақомоти давлатӣ ҷой дода мешавад, зиёд шуда истодааст. Яъне, дар сайт натанҳо суроға, сохтор, вазифаҳо, балки ахбор дар бораи фаъолияти рӯзмарраи онҳо нашр мешавад (ғайр аз сирри давлатӣ ва хизматӣ). Пас, зарур аст, ки маҳз бахши коргузории иттилоотии мақомоти давлатӣ мустаҳкам карда шавад. Барои ин пеш аз ҳама захираи кадрӣ ва таҷҳизоти лозима зарур аст.

Зиёда аз ин, санадҳои ҳуқуқие зарур мебошанд, ки ӯҳдадориҳои мақомоти давлатиро доир ба тавассути интернет дастрас шудани иттилоот ба омма мушаххас намояд. Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ чунин таҷриба вуҷуд дорад. Масалан, дар Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо дар Федератсияи Россия», ки аз 1 июли соли 2010 мавриди амал қарор гирифт, мақомоти судӣ вазифадор карда шудааст, ки иттилооти мушаххасро (санадҳои судӣ, маълумот дар бораи судҳо, тартиби кори онҳо ва ғ.) доир ба фаъолияти мақомоти суд дар интернет ҷойгир намояд.

Яъне, вақте мо мегӯем, ки шахс ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот тавассути интернетро дорад (сухан дар бораи гирифтани иттилоот аз мақомоти давлатӣ меравад), пас, зарур аст, ки чунин ӯҳдадории мақомоти давлатӣ доир ба ҷойгир намудани иттилоот дар интернет дар қонун муқаррар шавад. Дар акси ҳол, чунин ҳуқуқ «муаллақ» монда, дар амал татбиқнашаванда мегардад.

Қайд кардан зарур аст, ки қисман чунин ӯҳдадорӣ дар моддаи 61 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муқаррар шудааст: «Мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ӯҳдадоранд:

- ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дастрасии васеъро барои гирифтани маълумот оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин нусхаҳои онҳо аз матни расмӣ таъмин намоянд;

- санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар сайтҳои Интернет ҷой диҳанд, дигар роҳҳои ба маълумоти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расонидани маълумотро оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба онҳо дахл доранд, таъмин намоянд»[4] .

Чунин таҷрибаи гузоштани санадҳо дар сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.prezident.tj) Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.mmk.tj), Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.parlament.tj ) дида мешавад.

Дар ИМА, Эстония ва дигар давлатҳо қонуни махсус қабул шудааст, ки тибқи он мақомоти давлатӣ ӯҳдадоранд як қатор намуди иттилоотро ҳатман дар сайти худ ҷой диҳанд, аз ҷумла маълумотро дар бораи сохтори мақомот, суроға, нафарони масъул, вазифаҳои асосӣ, тартиби муроҷиат ва ғ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ин масъала қадамҳои аввалин гузошта шуда, то ҳол чанд санади ҳуқуқии муҳим қабул шудааст. Аз ҷумла:
- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои таъмини воридшавӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ" аз 16 сентябри соли 1999, № 1347;
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Шабакаи ҷумҳуриявии таҳвили маълумот ва тадбирҳои танзими воридшавӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ» аз 8 августи соли 2001, №389;
- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар

[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 26 марти соли 2009, № 506. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №3, мод.99.

бораи стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Тоҷикистон" аз 5 ноябри соли 2003, №1174;

- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 7 ноябри соли 2003, № 1175;
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 июни соли 2004, №290;
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 декабри соли 2004, № 468;
- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 2008, №451.

Ҳамзамон чанд қонун қабул шудааст, ки ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои иттилоотиро танзим мекунанд. Сухан дар бораи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи алоқаи баркӣ» «Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» меравад.

Дар қонунҳои номбаршуда бештар сухан дар бораи ҳуқуқ ба иттилоот меравад. Яке аз унсурҳои татбиқи ҳуқуқ ба иттилоот ӯҳдадории масъулин доир ба таъмини дастрасии аҳолӣ ба иттилоот тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд – ТИК) мебошад, ки мутаассифона, он ба таври зарурӣ дар қонунгузорӣ муқаррар нашудааст. Дар моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» муқаррар шудааст, ки барои таъмини ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот аз системаи автоматикунонидашудаи иттилоотии мақомоту ташкилотҳо ин мақомоту ташкилотҳо:

а) системаҳои мазкурро ба шабакаи алоқаи

истифодаи умум пайваст менамоянд ва иттилоотро ба сервери расмии мақом (мақомот) ё ташкилот (ташкилотҳо) барои дастрасии номаҳдуди шаҳрвандон, мақомоту ташкилотҳои ба шабакаи мазкур пайвастшуда ҷойгир менамоянд;

б) дар ҷойҳои барои шаҳрвандон, мақомоту ташкилотҳо дастрас нуқтаҳои абонентие барпо мекунанд, ки ба шабакаҳои истифодаи умум пайваст карда шудаанд (дар бинои мақомоту ташкилотҳо, китобхонаҳои давлатӣ, шӯъбаҳои алоқа ва дар дигар ҷойҳои муайянкардаи қонунгузорӣ);

в) барои қабули дархост ва ирсоли иттилооти матлуб аз тариқи шабакаи алоқаи истифодаи умум нишонии почтаи электронӣ ҷудо мекунанд;

г) барои мазмун, ҳаққоният ва мукаммалии иттилооти сервери расмӣ масъулият доранд[5].

Дар моддаи номбурда дар шабакаи интернет ҷойгир намудани иттилоот ҳатмӣ муқаррар шудааст, аммо ин маҳз кадом намуди иттилоот аст, мушаххас нашудааст. Ба назари мо, барои беҳбудии кор се қадами ҷиддӣ зарур аст:

1. Фароҳам овардани шароити техникӣ ва ташкили кор бо ТИК;
2. Дар қонунгузорӣ муқаррар намудани ӯҳдадорӣ барои ҷойгир намудани намудҳои мушаххаси иттилоот дар шабакаи интернет ва амалӣ намудани он аз ҷониби шахсони масъул;
3. Назорати иҷро ва ҷавобгарӣ барои риоя накардани тартиби мубодилаи иттилоот.

Бояд қайд кард, ки барои амалӣ намудани қадамҳои дар боло номбаршуда замина аллакай вуҷуд дорад. 4 феврали соли 2011 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаи нахустини Шӯрои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки аъзои он ва

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», аз 18 июни соли 2008, № 411. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2008, № 6, мод.469.

роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор, раиси шаҳри Душанбе ва дигар шахсони масъул баргузор гардид. Дар он «Таъкид гардид, ки мутобиқи талаби давру замон тамоми вазорату идораҳо ва дигар сохторҳои давлатӣ бояд сомонаи интернетӣ боз намуда, пайваста онро бо хабару гузоришҳо ва дигар маводи нав таҷдид намоянд»[6].

То имрӯз як қисми вазорату кумитаҳо ва дигар сохторҳои давлатӣ аллакай сайтҳои худро ташкил намудаанд. Тибқи маълумотҳои оморӣ, 60% мақомоти давлатии ҷумҳуриявӣ сайти худро ташкил намудаанд[7].

Тоҷикистон вақтҳои охир дар масъалаи рушди ТИК кӯшишҳои зиёд карда истодааст. Айни ҳол дар Тоҷикистон зиёда аз 12 провайдер амал мекунанд. Қариб тамоми сохторҳои марказии мақомоти давлатӣ бо технологияи коммуникатсионӣ таъмин мебошанд ва аллакай онҳо соҳиби сайти худ ҳастанд. Албатта ин қадами аввал аст. Баъдан, давра ба давра, доир ба мазмуни сайт кор кардан зарур аст. Яъне, самтҳои асосии фаъолияти кори мақомоти давлатӣ давра ба давра бояд дар сайт инъикос гардад.

Аслан се гурӯҳи иттилоот мавҷуд аст, ки мақомоти давлатӣ метавонанд ҳангоми мураттаб намудани сайти худ онҳоро дар назар дошта бошанд ва риоя кунанд:

1. Иттилооте, ки онро ҳуқуқи дар сайт гузоштан надоранд;
2. Иттилооте, ки ҳатман бояд дар сайт ҷойгир карда шаванд;
3. Иттилооте, ки ҷойгир намудани онҳо дар сайт ба худи мақомоти давлатӣ вобастагӣ дорад.

Иттилооти гурӯҳи якумро умуман паҳн кардан мамнӯъ аст, аз ҷумла дар шабакаи интернет. Чунин иттилоотро

---

[6] Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/habarho_040211.html

[7] Исследование электронной готовности Республики Таджикистан. Душанбе, 2010. С. 71.

иттилооти хизматӣ, махфӣ, шахсӣ мегӯянд. Яъне, ин чунин иттилооте мебошанд, ки паҳн шудани онҳо ба манфиати шахсе, ташкилоте ё давлат таъсири манфӣ мерасонад ва оқибатҳои ногувор дорад. Дар шабакаи интернет инчунин ҷойгир намудани дашном, таҳқир, тӯҳмат низ метавонад боиси ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ гардад. Махсусан ташвиқу тарғиб кардани терроризм тавассути сайт ба ҷомеа хавфи зиёд дорад ва дар маҷмӯъ ин гуна маълумотро ҷойгир кардан дар интернет манъ аст.

Иттилооти гурӯҳи дуюм, ки бояд дар сайт ҷойгир шавад, аз ӯҳдадории дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарраргашта бармеояд. Яъне, чунонки дар боло ишора кардем, тавассути қонуну санадҳои зерқонунӣ бояд муқаррар шавад, ки кадом иттилоот бояд дар сайтҳо ҷой гиранд.

Гурӯҳи сеюми иттиллотро, ки ҷойгир кардани он дар сайт манъ нашудааст, соҳиби сайт метавонад бо ихтиёри худ ҷойгир намояд. Ва доир ба ин мавзӯъ дар бахши навбатӣ муфассал сухан меронем.

# 4. Ҳуқуқи ҷойгир ва паҳн намудани иттилоот дар интернет

Ҳангоме ки иттилоот тайёр мешавад, имкониятҳои зиёди ҷойгир ва паҳн кардани он вуҷуд дорад. Яке аз чунин имкониятҳо интернет мебошад, ки дар бисёр мавридҳо он нисбат ба дигар воситаҳои паҳнкунандаи иттилоот аз лиҳози нарх ва фаврият афзалият дорад. Фарқи куллии он аз дигар воситаҳо дар он аст, ки ҳангоми мурочиат нусхаи иттилоот дар компютери корбар пайдо мешаваду пас аз анҷоми кори роҳбалад нест мегардад, агар корбар фармони дар хотир нигоҳ доштани онро надода бошад. Дар ин қисмат чанд имконияти ҷойгир ва паҳн кардани иттилоотро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки бевосита бо интернет алоқамандӣ доранд.

## 4.1. Почтаи электронӣ

Почтаи электронӣ (email, e-mail, electronic mail) — технологияе мебошад, ки тавассути он мубодилаи мактубҳо дар шакли электронӣ дар шабакаи компютерҳо (интернет) сурат мегирад. Дар шабакаи интернет ҳар як нафар метавонад як ва ё зиёда суроғаи почтаи электронии худро дошта бошад.

Бояд дар назар дошт, ки дар ҷараёни истифодаи мактубҳои электронӣ эҳтимол масъалаҳои ҳуқуқии зерин ба вуҷуд ояд:

- маҳрамияти мукотибот;
- назорати мукотибот;
- доми фиреб;
- истифодаи маводҳои хизматӣ дар мукотибот;
- паҳн нанамудани маълумотҳои мамнӯъ дар мукотибот;

## Маҳрамияти мукотибот

Тибқи моддаи 23 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як нафар ба маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахсӣ ҳуқуқ дорад. Дар ҳоле, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда буд, дар Тоҷикистон почтаи электронӣ вуҷуд надошт. Аммо мазмуни меъёри номбаршуда дар маҷмӯъ мукотиботи электрониро низ дар бар мегирад. Айни ҳол дар Тоҷикистон истифодабарандагони почтаи электронӣ аз як миллион зиёд мебошанд.

Одатан почтаи электронӣ бо ду мақсад истифода мешавад: мақсадҳои шахсӣ ва хизматӣ. Почтаи электронӣ, агар шахсӣ бошад, пас, суроға ва умуман тамоми маълумоти дар он мавҷудбуда ба тариқи истисно ба худи шахс дахл дорад. Махфияти мукотибот ва истифода бурдани чунин мукотибот аз ҷониби дигар шахсон бо талаботи қонунгузории иттилоотӣ ва муаллифӣ ҳифз карда мешавад. Масалан, тибқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» иттилооти махфии шахс, ки дар мактубҳо ифода шудаанд, ҳифз карда мешавад ва шахси дигар ҳуқуқи дастрасии чунин маълумотро бе розигии соҳиби он надорад.

Мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 146 Кодекси ҷиноятӣ) барои вайрон намудани мукотибот ҷавобгарии ҷиноятӣ (ҷарима ва аз озодӣ маҳрум кардан) пешбинӣ шудааст. Аз мазмуни моддаи зикршуда бармеояд, ки ҳангоми вайрон намудани маҳрамияти мукотиботи электронӣ низ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст.

Дар давлатҳои пешрафта барои ғайриқонунӣ истифода кардан аз почтаи электронии шахси дигар, ҷавобгарӣ бо таври мушаххас пешбинӣ шудааст.

Тибқи қонунгузории ИМА, масалан, барои ғайриқонунӣ аз назар гузаронидани почтаи электронии шахси дигар ҷавобгар ба маблағи 10 000 доллар ҷарима

ва ё ба мӯҳлати 1 сол аз озодӣ маҳрум карда мешавад[8].

Ҳамзамон истифодаи мактубҳо аз ҷониби шахсони дигар бо қонунгузории муаллифӣ низ маҳдуд карда шудааст. Барои мисол ба чунин таҷрибаи судӣ ишора мекунем: шаҳрванди Тоҷикистон А. Мынов ба ташкилоти истеҳсолкунандаи яхдони «Помир» мактуб ирсол карда, бо арзи эҳтиром менависад, ки ӯ яхдони «Помир» - ро 35 сол бе ягон мушкилӣ истифода бурдааст. Роҳбарияти ташкилот аз мактуб як ибора «35- лет с Вами»-ро гирифта, дар рекламаи худ истифода кард. Он гоҳ шаҳрванд А. Мынов ба суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе доир ба вайрон намудани ҳуқуқи муаллифии худ нисбат ба ибораи номбурда муроҷиат кард. Суди мазкур бо ҳалномаи худ аз ҳисоби ҷавобгар ба фоидаи А. Мынов 1000 сомонӣ рӯёнидааст.

Ё боз як мисоли дигар. Муаллиф ба редаксия нома менависад ва номаро дар вараќи аз дафтари иншо кандашуда, ки дар он дар бораи шоире маълумоте дарҷ гашта буд, печонида равон мекунад. Нома ба сармуҳаррир маъқул мешавад ва ӯ ба котиб супориш медиҳад, ки он дар шумораи навбатӣ чоп карда шавад. Ва ҳамин тавр ҳам шуд, аммо тааҷҷубовар ин буд, ки дар давоми нома иншо низ тасодуфан чоп шуд (яъне котиб фикр кардааст, ки ҳамаи варақҳое, ки ба ӯ барои чоп додаанд, яклухт ба нома дахл дорад). Кормандони редаксия аз ҳодиса сари вақт огоҳӣ ёфта, тамоми шумораҳои ҳафтаномаро бозхонд мекунанд ва ҳамин тариқ ҳуқуқи муаллиф ба нома ҳифз гардид, гарчанде редаксия зарари молӣ дид.

Чунин ҳодисаҳо ҳангоми истифодаи номаҳои электронӣ низ эҳтимол пайдо шаванд, зеро онҳо аз номаҳои маъмулӣ танҳо бо технологияи ифода ва ирсолу воридот фарқ мекунанд.

---

[8] Антон Серго. Интернет и Право. М.: "Бестселлер", 2003. С. 162.

## Назорати мукотибот

Тавассути интернет мукотибот, суҳбатҳои телефонӣ ва дидорбинӣ (ба тариқи онлайн) сурат гирифта метавонад. Мақомоти давлатӣ чунин алоқаҳоро танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорат қарор медиҳад. Тибқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ», гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро ба махфияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешавад, ҳамчунин ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро маҳдуд мекунад, тибқи қарори асосноки мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯӣ бо дархости прокурори ваколатдор ва иҷозати судя роҳ дода мешавад.

Гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва гуфтугузорҳои дигар танҳо нисбат ба он шахсоне раво дида мешавад, ки барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин гумонбар ё айбдор шудаанд, ҳамчунин нисбат ба шахсоне, ки дар бораи ҷиноятҳои мазкур метавонанд маълумот дошта бошанд. Фонограммаҳое, ки дар натиҷаи гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва ё гуфтугузорҳои дигар ба даст оварда шудаанд, дар шакли мӯҳрнокшуда, дар шароите, ки имконияти аз ҷониби шахсони бегона гӯш кардан ва нусхабардории онҳоро истисно мекунад, нигоҳ дошта мешаванд.

Яъне, танҳо ба мақомоти давлатии ваколатдор иҷозат дода шудааст, ки дар мавридҳои пешбиникардаи қонун ба маълумоти шахсии почтаҳо ё алоқаҳои почта дастрасӣ дошта бошанд. Ин бо мақсади нигоҳдории амният ва тартибот амалӣ карда мешавад. Дар ин радиф почтаи электронии ҳам шахсӣ ва ҳам хизматӣ метавонад мавриди назорат қарор гирад.

## Доми фиреб

Тавассути почтаҳои электронӣ метавонад ҳолати ногуворе ба вуҷуд ояд, ки онро метавон «доми фиреб» номид. Масалан, устоде аз донишҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо мазмуни зерин мактуб мегирад, ки вай (донишҷӯ) ба Африқо сафар карда дар таксӣ тамоми ҳуҷҷат ва маблағҳояшро фаромӯш кардааст. Ва гӯё ба хотири он, ки волидонаш ташвиш накашанд, ӯ ба касе хабар надода, танҳо ба устодаш мактуб навишта, 2000 доллари ИМА қарз пурсидааст ва суратҳисоби худро низ дарҷ кардааст. Баъди ба муаллифи ин мавод муроҷиат кардани устоди ДМТ, ман барои тафтиши дурустии ин ҳолат ба раёсати донишгоҳ занг зада хоҳиш кардам, ки дар бораи донишҷӯ маълумот диҳанд. Ҳамзамон тавассути телефон бо донишҷӯ низ ҳамсӯҳбат шудам. Дар натиҷа маълум гашт, ки почтаи электронии донишҷӯ аз ҷониби каси дигар бо мақсади қаллобӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ҳолати дигари «доми фиреб» тавассути почтаи электронӣ метавонад дар намудҳои бозиҳои гуногун ифода ёбад. Маслан, шаҳрванд Д. тавассути «бозӣ бо почтаи электронӣ» аз хориҷа мактуби электронӣ мегирад, ки ӯ 300 000 евро бурд кардааст. Ва гӯё барои барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои бонкӣ ва таҳвил додани ин маблағ аз Аврупо ба Тоҷикистон 25 000 евро зарур будааст. Шаҳрванди мазкур ин маблағро қарз гирифта, тавассути бонк ба хориҷа равон мекунад. Баъд аз ин, аз хориҷа дигар ягон хабар наомад ва ҳамин тариқ шаҳрванд Д. ба доми фиреб афтодааст.

Яъне, мисолҳои овардашуда гувоҳи он мебошанд, ки ҳангоми истифодаи почтаи электронӣ эҳтимол падидаҳои гуногуни зараровар пайдо шаванд ва эмин будан аз онҳо ба худи шахс вобаста аст.

Ҳар як шахс бояд бехатарии почтаи электронии худро ҳифз намояд. Аз ҷумла бояд махфӣ нигоҳ доштани парол

(пароле, ки ёфтани он душвор бошад), истифода бурдани имзои электронӣ, истифода кардани системаи рамзиёти (шифровкаи) матн, баъд аз истифодаи почтаи электронӣ қатъ намудани имконияти воридшавӣ ба он (то ки баъд аз истифодабаранда каси дигар натавонад ба почтаи электронии ӯ ворид шавад) ва дигар чораҳои худмуҳофизатӣ андешида шавад.

## Почтаи хизматӣ - майдони сӯҳбатҳои рафиқона нест

Ҳолати дигаре, ки бо почтаи электронӣ алоқаманд аст, вазифаи хизматӣ ва почтаи хизматӣ мебошад. Агар шахс дар ҷойи кор таҷҳизоти корфарморо истифода барад ва дар он почтаи электронии хизматӣ дошта бошад, пас, эҳтимол ҳаст, ки корфармо ҳар лаҳза почтаро назорат кунад. Аслан ин ҷо бархӯрди ду масъала ба вуҷуд меояд: ҳуқуқҳои конститутсионии шахс ба махфияти мукотибот ва ҳолати хизматии коргар. Азбаски корфармо барои вақти кор маош медиҳад, таҷҳизот ва интернетро дастрас мекунад, пас, мантиқан ин арзишҳо бояд ба манфиати хизматӣ истифода шаванд, на шахсӣ. Корфармо метавонад назорат кунад, ки корманди ӯ дар давоми вақти корӣ ба чӣ кор машғул аст. Мақсади корфармо аз шиносшавӣ бо маълумотҳои почтаи хизматӣ метавонад назорати иҷрои дахлдори вазифаҳои кормандонаш бошад. Аммо баъзан тасодуфан, ба корфармо маълумотҳои шахсии кормандаш, ки дар почтаи хизматӣ навиштааст, маълум мегардад. Дар ин ҳолат корфармо ӯҳдадор аст, ин сирри шахсии кормандашро нигоҳ дорад ва дар айни замон ҳуқуқ дорад, ки барои бо мақсадҳои шахсӣ истифода шудани арзишҳои хизматӣ чораҳои интизомӣ андешад.

Ба хотири барои ҳам корфармо ва ҳам корманд фаҳмо будани масъала тавсия медиҳем, ки дар яке аз ин санадҳо - шартномаи меҳнатӣ, шартномаи коллективӣ, дастурамал

дар бораи тартиботи дохилии ташкилот ва ё дар дастурамали хизматии корманд ӯҳдадории корманд доир ба манфиати шахсӣ истифода набурдани таҷҳизоти хизматӣ қайд шавад ва ӯ аз он огоҳ бошад.

## «СПАМ» ё «меҳмони нохонда»

Маъмулан тавассути почта боз як намуди дигари маълумот – «спам» паҳн карда мешавад, ки он низ дар баъзе ҳолатҳо манфиати дигар шахсонро поймол мекунад. «Спам» – ин рекламаи тиҷоратӣ, сиёсӣ ва дигар намудҳои иттилооте мебошад, ки аз ҷониби шахсони манфиатдор ба таври оммавӣ паҳн мешавад ва баъзан барои қабулкунандаи иттилоот ҳамчун «меҳмони нохонда» мебошад.

Дар Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернет дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 августи соли 2001, №389 тасдиқ шудааст, муқаррар гардидааст, ки абонент ӯҳдадор аст «ба таври оммавӣ ба ҳар тараф фиристодани ахбори электронии пешакӣ мувофиқа нагардидаро (spam) анҷом надиҳад, ҳамчунин ба гирандагоне, ки қаблан барои дарёфти ин ахбор хоҳиш накарда буданд, ахбор нафиристад».

Ҳамзамон ҳангоми паҳн кардани «спам» бояд талаботи қонунгузории реклама риоя шавад.

Баъдан, чизи аз ҳама муҳим хоҳиши қабулкунандаи почта аст. Оё қабулкунанда мехоҳад «спам» - ро қабул кунад ё не? Бояд имкони техникие бошад, ки қабулкунанда иродаи худро дар бораи қабул кардан ва ё накардани он ифода намояд. Дар ҳолате, ки ӯ қабули «спам»- ро рад кунад, пас бояд чунин «спам» ба ӯ такроран фиристода нашавад. Вақте ки шахс бо почтаи электронӣ кор мекунад, ӯ харoҷоти молиявӣ ва зеҳнӣ сарф мекунад ва дар бисёр ҳолатҳо чунин «спам» - ҳо ба ӯ «дарди сар» ҳастанд.

**Тибқи талаботи қонунгузории гражданӣ ҳадди амали ҳуқуқҳои гражданӣ бояд ҳамеша ба инобат гирифта**

**шавад .** Амалӣ намудани ҳуқуқҳои гражданӣ набояд ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи субъектҳои дигарро вайрон намояд ва ба онҳо зарар расонад. Шахсон ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳои ба онҳо тааллуқдошта бояд оқилона, одилона ва боинсофона талаботи дар қонунгузорӣ дарҷёфта, принсипҳои ахлоқи ҷомеаро, соҳибкорон бошанд, қоидаҳои одоби касбиро риоя намоянд (моддаи 10 Кодеки граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Чунин ӯҳдадорӣ дар фазои интернет низ татбиқшаванда аст.

## 4.2. Сайт (сомона, торнамо)

Сайт падидаи мураккаб аст. Он аз лиҳози техникӣ ҳамчун барнома, аз лиҳози иттилоотӣ ҳамчун сарчашмаи ахбор ва аз лиҳози ҳуқуқ ҳамчун объекти ҳуқуқ тавсиф карда мешавад.

Айни ҳол дар сайтҳо ҷой додани иттилоот ва асарҳои муаллифӣ васеъ ба роҳ монда шудааст.

Ҳангоми истифодаи сайт вобаста ба шахси ҷойгиркунандаи иттилоот дар сайт ду масъала мавриди назар аст:

1. Худи соҳиби сайт дар сайт иттилоот ҷойгир мекунад;
2. Дар сайт шахси дигар иттилоотро ҷойгир менамояд.

Сохтани сайт имрӯзҳо душворие надорад. Пеш аз ҳама домейн гирифтан зарур аст. Домейн чанд намуд мешавад: якумдараҷа, дуюмдараҷа (xxxx.xx), сеюмдарҷа (xxx.xxxxx.xx). Дар ин ишораҳо таҳти ҳарфҳои x метавонад рақами дилхоҳ аз 0-9 ва ҳарфи дилхоҳ аз a то z, инчунин ишораи дефис (-) бошад.

Барои гирифтани домейни дуюмдараҷа дар Тоҷикистон ба субъектоне муроҷиат кардан даркор аст, ки ҳуқуқи қайди домейнро доранд. Номгӯи чунин субъектҳо дар сайти www.nic.tj вуҷуд дорад. Инчунин дар ҳамин сайт дар бораи сайтҳои дар домейни **tj**

қайдшуда маълумот гирифтан мумкин аст.

Барои гирифтани домейнҳои сеюмдарача ба ягон нафаре, ки домейни дуюмдарача дорад, мурочиат кардан зарур аст. Фарқият дар муносиб омадани номи домейн мебошад. Номи домейни дуюмдарча метавонад кӯтоҳ ва новобаста ба касе бошад, масалан, www. mmk.tj. Вақте ки шаҳрванд С. мехоҳад дар заминаи домейни www.mmk.tj домейни сеюмдарача кушояд (масалан - www.c.mmk.tj), дар ин ҷо баъзе хусусиятҳо дида мешавад. Зеро сайти шаҳрванд С. ба сайти www.mmk.tj баъзе вобастагиҳо дорад, масалан, агар сайти www.mmk.tj баста шавад, пас, сайти шаҳрванд С. низ вуҷуд дошта наметавонад.

Доир ба сайтҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни махсус қабул нашудааст. Аммо, ба назари мо, набояд ин ҳолат ташвиши зиёдеро ба вуҷуд оварад. Чунки мазмуни сайт, ки аз иттилоот ва асарҳои муаллифӣ иборат аст, бо қонунгузорӣ дар бораи иттилоот ва муаллифӣ танзим шудааст. Танҳо баъзе хусусиятҳоро ба инобат гирифта, метавон ба мисли давлатҳои пешқадам санадҳое қабул кард, ки паҳлӯҳои асосии сайтро дар бар гирад.

Сайт аслан ба объекти ҳуқуқҳои муаллиф ва ВАО шабоҳати зиёд дорад. Дар сайтҳо мақолаҳо, китобҳо, филмҳо, тасвирҳо ва дигар асарҳои муаллифӣ, ҳамчунин хабарҳое, ки объекти ҳуқуқи муаллиф нестанд, ҷойгир карда мешаванд.

Ҳангоми ҷойгир кардани иттилоот дар сайтҳо дар баробари талаботи дигар қонунҳо, пеш аз ҳама бояд талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, реклама, итилоот, ВАО риоя гардад.

Дар ҳолате, ки дигар шахсон имкони дар сайт изҳори ақида кардан доранд, ду ҳолатро барои бехатарии иттилоотӣ ба инобат гирифтан зарур аст. Аввалан, кӯшиш кардан даркор аст, ки дар сайт имкони техникии мушаххас кардани нафаре, ки ақидаи худро дар сайт менависад, вуҷуд дошта бошад. Баъдан, хуб мебуд, агар

сайтро модератор ё муҳаррир назорат кунад ва бо ин роҳ ҷойгиркунии иттилоъи ғайриқонунӣ дар сайт пешгирӣ карда шавад. Ин усули кор беҳтар мебошад. Яъне, нисбат ба мушаххас кардани ҷойгиркунандаи иттилоот дар сайт мавҷуд будани модераторе, ки ҷойгиркунии иттилоотро назорат мекунад, беҳтар аст.

Азбаски дар сайт қисми зиёди мавод асарҳои муаллифӣ мебошад, дар ин ҷараён татбиқ ва риояи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ҳатмист (дар бораи ҳуқуқҳои муаллифӣ дар бахши алоҳида муфассал изҳори назар хоҳем кард).

Сайтҳоро рекламаҳои зиёд зинат медиҳанд. Гарчанде дар қонунгузории рекламаи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба интернет муқаррароте ҳам набошад, ин маънои онро надорад, ки реклама дар интернет аз танзим берун мондааст. Ҳангоми реклама дар интернет талаботи умумии ҳатмии қонунгузории реклама бояд риоя гардад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон[9] дар бораи реклама талаботи зиёд вуҷуд доранд. Аз ҷумла паҳн кардани рекламаҳои зерин манъ шудааст: рекламаи бевиҷдонона, нодуруст, беодобона, ошкоро бардурӯғ, пинҳонӣ ё дигар рекламае, ки дар он ба вайронкунии талаботи қонун нисбат ба мазмун, вақт, маҳал ва тарзи паҳнкунӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода шудааст.

Ҳамзамон рекламаи молҳое, ки мувофиқи қонунгузории мамлакат истеҳсолу истифодаи онҳо манъ карда шудааст ва инчунин ба рекламаи маҳсулот, кору хизматрасонӣ, ки бояд ҳатман дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сертификатсия карда шаванд, вале сертификати мутобиқат надоранд, роҳ дода намешавад.

Реклама набояд дар шаҳрвандон ҳисси зӯроварӣ, таҷовузу воҳима барангезад, инчунин набояд ба амалҳои

[9] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003, № 34. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №8, мод.457; соли 2007, №7, мод. 432; соли 2008, №10, мод. 824.

хатарноке даъват намояд, ки метавонанд ба саломатии шахсони воқеӣ зарар расонанд, ба бехатарии онҳо таҳдид намоянд ва ба шуури инсон беихтиёр таъсир кунанд ё ба амалҳое оварда расонанд, ки қонунгузории ҳифзи табиатро вайрон мекунанд.

Ҳамзамон рекламаи машрубот, тамоку ва маҳсулоти тамоку, маҳсулоти аудио, видео ва маводи чопии дорои хусусияти фаҳш, инчунин маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо манъ аст.

Рекламаи маводҳои доруворӣ, техникаи тиббӣ, таҷҳизоти таъйиноти тиббӣ ва санитарию гигиенӣ, маҳсулоти истеъмолии табобатию профилактикӣ, иловагиҳои озуқавӣ ва ороишие, ки аз қайди мақомоти ваколатдори Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон нагузаштаанд, инчунин рекламаи усулҳои табобат, профилактика, ташхис, офият ҳангоми набудани иҷозати Вазорати тандурустӣ роҳ дода намешавад.

Ҳангоми рекламаи доруворӣ бо мақсади тақвияти самаранокии реклама муқоисаи он бо дигар маводи доруворӣ иҷозат дода намешавад. Рекламаи дорувории, ки бо дорухати (ретсепти) духтур дода мешавад, низ, мамнӯъ аст.

Рекламаи тамоми навъҳои яроқ, силоҳ ва техникаи ҳарбӣ, ба истиснои рекламаи яроқи ғайринизомии иҷозатдошта, аз ҷумла яроқи шикорӣ ва варзишӣ иҷозат дода намешавад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми ҷойгир ва паҳн кардани реклама дар интернет набояд аз талаботи қонунгузорӣ сарфи назар карда шавад.

Дар сурати дар шабакаи интернет ҷойгир намудани иттилоот риояи талаботи қонунгузории ВАО низ бисёр муҳим аст. Имрӯзҳо оҷонсиҳои иттилоотӣ хабарҳои худро бештар тавассути сайтҳояшон ҷойгир ва паҳн мекунанд ё ин ки тавассути интернет барномаҳои радио ва телевизионро дар режими воқеӣ метавон истифода кард. Ҳамзамон журналу рӯзномаҳои электронӣ дар сайтҳо

ҷойгир шудаанд. Яъне, имрӯз тамоми шаклҳои ВАО дар шабакаи интернет дастрас аст. Дар чунин ҳолат риояи талаботи қонунгузории ВАО ногузир аст, зеро шабакаи интернет ба мо танҳо имконоти техникии дастрасӣ ба ВАО- ро медиҳад, аммо, албатта, худи ВАО ва мазмуни он бояд ба талаботи қонунгузории ВАО мувофиқ бошанд.

Ҳангоме ки ВАО дар шабакаи интернет паҳн мегардад, домейни сайти онҳо одатан бо номи ВАО якхела аст. Масалан, www.avesta.tj, www.ozodi.org, www.safina.tj ва ғ. Яъне, номи ВАО ҳамчун воситаи фардикунонӣ дар шабакаи интернет ба номи домейн мубаддал мегардад.

Омӯзиши масъала нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон вазъи ҳуқуқии сайтҳо ба ВАО баробар карда шудаанд ва ҳамзамон муқаррар шудааст, ки сайтҳо аз қайди давлатӣ намегузаранд.

Ба статуси ВАО баробар кардани вазъи ҳуқуқии сайтҳо тарафи ҳам манфӣ ва ҳам мусбат дорад.

Дар он давлатҳое, ки сатҳи озодии сухан қаноатбахш аст, баробар кардан ё накардани сайт бо ВАО ягон мушкилии наверо эҷод намекунад. Баръакс, агар барои ВАО имтиёзҳое вуҷуд дошта бошанд, пас, чунин имтиёзҳо ба сайтҳо низ дахл доранд. Аммо, ба назари мо, дар давлатҳои «рӯ ба озодии сухан», ки он ҷо фишангҳои гуногуни маъмурӣ барои маҳдуд кардани озодии сухан вуҷуд доранд, баробар кардани сайт ба ВАО қобили қабул нест ва ҳатто дар амал татбиқ намудани он душвор аст. Маслан, дар домейни TJ шахсе метавонад аз Ҷопон сайт кушояд ва ҳамзамон гунбази иттилооти сайт (сервер) метавонад дар ИМА бошад. Дар чунин ҳолат аллакай татбиқи талаботи қонунгузории ВАО душвор мегардад.

Як гурӯҳи сайтҳоро **блог** мегӯянд, ки онҳо бо ташаббуси шахсони гуногун ташкил карда мешаванд ва дар онҳо натиҷаҳои фаъолияти эҷодӣ, иттилоот дар бораи ҳодисаҳои рӯзмарра ва ғайраҳо навишта мешаванд. Риояи ҳатмии талаботи қонунгузорӣ, ки ба сайтҳо дахл доранд, ба блог низ мутааллиқанд.

## 5. Риояи ҳуқуқи муаллиф ҳангоми истифодаи интернет

Пайдоиши интернет барои муаллифон аз як ҷиҳат хуб аст, аммо аз ҷиҳати дигар баъзе мушкилотро пеш овардааст. Хубии масъала дар он аст, ки дар шабакаи интернет сарчашмаҳои хеле зиёд вуҷуд доранд ва муаллиф метавонад аз онҳо бовиҷдонона васеъ истифода кунад. Ҳамзамон, нусхабардории асар аз шабакаи интернет ва истифодаи ғайриқонунии иттилоот осон аст. Яъне, шабакаи интернет барои зиёд шудани падидаи асардуздӣ (плагиат) шароити техникӣ фароҳам овард. Асарҳои муаллифон, филмҳо, фонограммаҳо метавонанд ба шакли рақамӣ (цифровой формат) табдил дода, ва бе мушкилот нусхабардорӣ шаванд, ки онҳо аз нусхаи аслӣ фарқияти ҷиддӣ надоранд. Ва ин рафтор то дараҷае такрор ба такрор сурат мегирад, ки баъзе шахсон ҳатто заррае ҳам хиҷолат намекашанд ва чунин мепиндоранд, ки гӯё кори онҳо дуруст аст. Дар ин радиф якчанд мисол овардан мумкин аст. Гурӯҳи Мумий Тролль гулчини нави мусиқии худро дар интернет (www.mumiytroll.com) барои истифодаи озод гузошт, ки зери он навишта шуда буд. «Меҳмонони азиз! Мо аз шумо барои шунидани сурудҳо дар формати MP3 маблағ талаб намекунем, аммо шумо медонед, ки дар тамоми дунё барои ин маблағ пардохт мекунанд. Мо барои матраҳ намудани сурудҳои наве, ки шумо мешунавед пули кам сарф накардаем. Ба ҳадди имкон шумо метавонед барои ҳар як суруд ба суратҳисоби мо 20 сенти ИМА гузаронед. Бо чунин рафтор шумо мусоидат мекунед, ки мо дар оянда барои шумо боз сурудҳои нав эҷод кунем. Ба шумо бовар дорем!!!!» Дар рӯзи аввал аллакай шумораи муштариён зиёд буд, ҳатто қудрати таҷҳизоти техникӣ камӣ мекард ва зарурат пеш омад, ки таҷҳизот пурзӯр карда шавад ва ҳамзамон то 80 нафар муштарӣ метавонистанд дар як вақт

сурудҳоро шунаванд ва нусхабардорӣ кунанд. Аз ин ҳол чанд моҳ гузашт ва ҳамагӣ як нафар ба суратҳисоби муаллиф 100 рубли русӣ гузарониду халос [10]. Гуфтаҳои боло гувоҳи онанд, ки қадрдонӣ нисбат ба эҷодиёт ба ҳадди дилхоҳ ва зарурӣ нест. Ва ин чанд сабаби иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ ва ҳуқуқӣ дорад.

Дар шароити имрӯза рақобат барои касб ва дониш хеле баланд буда, барои дар ин рақобат пешоҳанг шудан иттилооти зиёде зарур аст, ки он, дар навбати худ, ба дастрасии асарҳо вобаста мебошад. Аммо, муатассифона, на ҳар шахс имкони харидории асарҳои зиёдро дорад.

Мисоли равшани чунин фикр истифода аз барномаи MS Windows мебошад. Дар айни замон на ҳама қудрати харидорӣ намудани иҷозатномаи корбарии барномаи MS Windows – ро доранд. Вале муштариён то дараҷае ба ғайриқонунӣ истифода бурдани ин барнома одат кардаанд, ки барои ислоҳ кардани вазъияти мавҷуда кӯшиш кардан ҳам намехоҳанд. Маслан, барномаҳои кушода ва озодасосе низ вуҷуд доранд, ки айнан вазифаҳои дар барномаҳои хусусии ширкатҳои гуногун (Microsoft, Adobe ва ғайра) будаো иҷро карда метавонанд. Аммо барои истифодаи чунин бароромаҳо онҳоро омӯхтан ва ба онҳо одат кардан даркор аст. Чунин ҳолати кор аллакай ба сабабҳои иҷтимоӣ дохил мешавад ва аз заиф будани дарки масъулиятшиносии муштариён дарак медиҳад.

Сабабҳои ҳуқуқии ҳолати мазкур аз кам будани таҷрибаи ба ҷавобгарӣ кашидани нафароне иборатанд, ки ҳуқуқҳои муаллифро вайрон мекунанд.

Ҳуқуқҳои муаллиф дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» қайд шудаанд ва аз ду гурӯҳ иборатанд:

---

[10] Копцева О. В. Права в интернете: защищаем свои идеи, фото и видеоматериалы, контент сайта, программы и т.д. – М.:Эксмо, 2010. С. 116-117.

ҳуқуқҳои амволӣ ва ғайриамволӣ.

Қабл аз он ки доир ба масъалаи ҳуқуқҳои муаллифӣ сухан гӯем, чанд паҳлӯи ҳуқуқии мафҳуми **асар**ро муайян бояд кард. Шеър, мақола, ҳикоя ва дигар маводҳое, ки хусусияти эҷодӣ доранд, дар қонунгузорӣ асар номида мешаванд. Ин асарҳо объекти моликияти зеҳнӣ маҳсуб гардида, тартиби истифода ва ҳифзи онҳоро қонун муайян мекунад. Танзими ҳуқуқии истифода ва ҳифзи асар дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ва дигар қонунҳо муқаррар шудааст.

Барои объекти ҳуқуқи муаллиф пазируфтани асар он бояд хусусиятҳои зеринро доро бошад:

1. Асар бояд маҳсули фаъолияти эҷодии худи муаллиф бошад;

2. Асар бояд дар ягон шакли воқеӣ (объективӣ) – хаттӣ, шифоҳӣ, тасвирӣ ва ғ. ифода ёбад.

Дар моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» номгӯи асарҳое номбар шудаанд, ки объекти ҳуқуқи муаллиф нестанд. Яке аз сабабҳои объекти ҳуқуқи муаллиф напазируфтани чунин асарҳо ба манфиати умум, озод истифода шудани онҳо мебошад. Асарҳои зерин объекти ҳуқуқи муаллиф шуда наметавонанд:

*1) асноди расмӣ (қонунҳо, қарорҳои судӣ, дигар матнҳои дорои хислати қонунӣ, маъмурӣ ва судӣ), ҳамчунин тарҷумаи расмии онҳо;*

*2) рамзҳо ва нишонаҳои давлатӣ (Парчам, Нишон, Суруди миллӣ, орденҳо, пули миллӣ ва нишонаҳои дигари давлатӣ);*

*3) хабарҳо оид ба ҳодисаву фактҳое, ки хислати иттилоотӣ доранд;*

*4) асарҳои эҷодиёти халқ.*

Дар баъзе мавридҳо хабари иттилоотии дар ВАО нашршуда дар сайтҳо паҳн мегарданд. Дар ин маврид барои нашри такрории хабари иттилоотие, ки дар дигар ВАО нашр шудааст, аз касе иҷозат намепурсанд. Чунонки дар банди 3 моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» қайд шудааст, ҳуқуқҳои муаллифӣ ба хабарҳои дорои хусусияти иттилоотӣ тааллуқ надоранд. Аммо ҳангоми нашри такрории хабарҳои иттилоотӣ манбаи он ҳатман бояд нишон дода шавад.

Дар таҷрибаи баъзе давлатҳо хабарҳоро, гарчанде объекти ҳуқуқи муаллифӣ набошанд ҳам, танҳо баъди вақти муайян нусхабардорӣ кардан мумкин аст (масалан, дар Нидерландия баъди 16 соат пас аз нашри рӯзнома). Чунин қоида барои он зарур аст, ки редаксияҳо тавонанд аз ҳисоби заҳмати худашон, аққалан, хароҷоташонро рӯйпӯш кунанд. Чунки дар бисёр ҳолатҳо журналистон интизори хабари нави дар ягон ҷой чопмешуда ҳастанд, то ки онро дар ВАО-и худ ба нашр расонанд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таҷрибаҳоро бояд ба инобат бигирад.

Ҳангоми нашри такрории хабарҳо аз дигар ВАО ба назар гирифтани чунин ҳолат зарур аст: хабарҳое, ки бо таҳлил ва шарҳу эзоҳ тақвият дода шуда, дар онҳо эҷодиёт ҷой дорад, объекти ҳуқуқи муаллифӣ маҳсуб мегарданд. Бинобар ин ҳуқуқи муаллиф нисбат ба ин гуна хабар бояд риоя шавад.

Вақте ки муаллиф асарро меофарад, ба ин асар ҳуқуқҳои муайян пайдо мекунад ва ин ҳуқуқҳо тартиби истифода ва ҳифзи он асарро муайян мекунанд. Ҳуқуқҳои муаллиф ба асар ду навъанд: ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ ва ҳуқуқҳои амволии муаллиф. Ин ду навъи ҳуқуқҳо асоси ҳуқуқи муаллифӣ мебошанд.

### Ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволии муаллиф

Муаллиф ба асари эҷодкардааш ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ пайдо мекунад. Натиҷаи фаъолияти эҷодӣ аз натиҷаҳои дигар навъҳои фаъолияти инсон бо он фарқ мекунанд, ки ба номи офарандаи худ (эҷодкор) алоқаманд аст[11]. Дар моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» номгӯи чунин ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволии муаллиф пешбинӣ шудааст :

*1) ҳуқуқи эътирофи муаллифият ба асари офаридашуда (ҳуқуқи муаллифият);*

*2) ҳуқуқи истифода ё иҷозати истифодаи асар бо номи ҳақиқии муаллиф, тахаллуси ӯ ва ё бе зикри ном, яъне беимзо (ҳуқуқи ном);*

*3) ҳуқуқи интишор ё иҷозати интишори асар дар ҳар шакл (ҳуқуқи интишор), аз ҷумла ҳуқуқи бозхонд;*

*4) ҳуқуқи ҳифзи асар, аз ҷумла унвони он аз ҳар гуна таҳрифкорӣ ва дигар навъи дахолат, ки метавонад ба номус ва шаъни муаллиф зарар расонад (ҳуқуқи ҳифзи эътибори муаллиф);*

*5) ҳуқуқи дахлнопазирии асар.*

### Ҳуқуқи эътирофи муаллифият ба асари офаридашуда (ҳуқуқи муаллифият )

Ин ҳуқуқи муаллиф аз лаҳзаи эҷоди асар пайдо мешавад. Асар аз замони офарида шуданаш бо номи муаллиф алоқаманд аст. Муаллиф асари навиштаашро наметавонад ба номи каси дигар интишор ё муаррифӣ кунад, чунки ин ҳуқуқ аз муаллиф ҷудонашаванда аст ва ҳатто муаллиф «наметавонад аз ин ҳуқуқ даст кашад».[12]

Ҳуқуқи муаллифият барои фарқ кардани асари як

---

[11] Муқимов Н. Ҳуқуқи муаллиф. -Душанбе. 2004, с.41.

[12] Ҳамон ҷо.

муаллиф аз асари муаллифи дигар ба аҳли ҷомеа равшанӣ меандозад. Феълан дар ҷумҳуриамон, мутассифона, ҳолатҳои вайрон намудани ҳуқуқи муаллифон зиёд ба чашм мерасад, вале на ҳама вақт муаллиф, шахсе, ки асар офаридааст, аз онҳо огоҳ мешавад. Тарзҳои ҳуқуқвайронкунӣ дар ин доира маъмулан чунин сурат мегиранд:

- шахс асарро меофарад, аммо каси дигар муаллифи он муаррифӣ мешавад;
- шахс асарро меофарад ва ҳангоми нашр кардан номи дигар шахс дар баробари номи муаллиф зикр мешавад, гӯё ӯ ҳаммуаллиф бошад;
- шахс асари шахси дигарро (ё қисми асарро) ба номи худаш нашр мекунад.

Дар ду ҳолати аввал одатан муаллифи ҳақиқӣ ба шахсоне, ки бардурӯғ ҳамчун муаллиф ё ҳаммуаллиф муаррифӣ шудаанд, ягон хел вобастагӣ дорад, бинобар ин даъвое изҳор намекунад (масалан, муаллифи ҳақиқӣ дар муносибатҳои хизматию меҳнатӣ тобеи муаллифи ё ҳаммуаллифи муаррифишаванда аст).

Дар ҳар се ҳолат ҳам вайрон шудани ҳуқуқи муаллиф дида мешавад ва шахсони гунаҳгорро тибқи кирдорашон ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин аст.

Ҳамчунин, дар ин ҷода тарафи маънавии масъала ҷой дорад. Мардум ҳеҷ гоҳ муаллифи муаррифишавандаеро, ки қобилияти навиштани асарро надорад, эътироф намекунад ва дар ин ҳолат муаллифи муаррифишавандае, ки асари каси дигарро ба номи худ интишор мекунад, ба ҷойи он ки соҳиби эътибор шавад, баръакс, бо чунин рафтораш беобрӯ мегардад.

Дар ҳаёт чунин ҳолатҳо кам нестанд, вале оид ба ин масъала таҷрибаи судӣ ночиз аст. Масалан, ба яке аз муҳаррирон муаллифе мақола пешниҳод мекунад. Муҳаррир мақоларо таҳрир намуда, онро аз номи худаш нашр менамояд. Дар натиҷаи баҳси бавуҷудомада маълум мегардад, ки худи «муаллиф» низ мақоларо аз дигар

сарчашма гирифтааст, яъне чи тавре ки мегӯянд, «duzdро қароқчӣ зад». Дар чунин ҳолат ҳарду тараф ҳам ҳуқуқи муаллифиро вайрон намудаанд ва сазовори ҷавобгарӣ мебошанд.

### Ҳуқуқи истифода ё иҷозати истифодаи асар бо номи ҳақиқии муаллиф, тахаллуси ӯ ва ё бе зикри ном, яъне бе имзо (ҳуқуқи ном)

Муаллиф дар интихоби ном озод аст. Яъне ӯ метавонад дар асар номи аслии худ ё тахаллуси худро зикр намояд. Ҳамчунин муаллиф метавонад номашро дар асар зикр накунад.

Муаллиф наметавонад асари худро бо номи каси дигар муаррифӣ кунад. Ҳуқуқи номи муаллиф ба асар аз ҳуқуқи муаллифият сарчашма мегирад. Ҳуқуқи номи муаллифи асар мӯҳлат надорад ва абадӣ аст. Масалан, агар 10 аср ҳам гузашта бошад, касе инкор намекунад, ки «Шоҳнома»-ро Фирдавсӣ офаридааст.

Баъзе муаллифон бо тахаллус менависанд, баъзе асарҳое ҳастанд, ки бе ном чоп мешаванд, яъне дар ин масъала қонун маҳдудият намегузорад. Агар муаллифони асар чанд нафар бошанд, онҳо метавонанд байни худ маслиҳат кунанд, ки номҳояшон чӣ гуна навишта шавад ва бо кадом тартиб (кӣ аввал ва кӣ баъдтар). Одатан номи муаллифон аз рӯи алифбо навишта мешавад, аммо баъзан чунин номнависӣ вобаста ба вазифа сурат мегирад.

### Ҳуқуқи интишор ё иҷозати интишори асар дар ҳар шакл (ҳуқуқи интишор), аз ҷумла ҳуқуқи бозхонд

Мутобиқи банди 3 моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» муаллиф ҳуқуқ дорад ба интишори асараш иҷозат диҳад ё надиҳад. Фарқи ҳуқуқи интишори асар аз дигар ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ дар он аст, ки он дорои ду ҳуқуқ – ҳам ҳуқуқҳои амволӣ ва ҳам ҳуқуқҳои

ғайриамволӣ буда, имкони ба шахси дигар вогузор намудани асарро дорад. Масалан, ҳуқуқи интишори асар пас аз фавти муаллиф ба ворисони ӯ мегузарад[13].

**Ҳуқуқи бозхонди асар** ба муаллиф баъди интишор шудани асар пайдо мешавад. Муаллиф ҳуқуқ дорад, ки интишори асари худро боздорад. Дар ин ҳолат ношир ҳуқуқ дорад ҷуброни зарари ба ӯ расидаро аз муаллиф талаб кунад. Агар муаллиф баъди нашр шудани асар онро бозхондан хоҳад, пас, ӯ ин ҳолатро ошкоро эълон бояд кунад. Шахсоне, ки дар натиҷаи нашри чунин асар зарар дидаанд, метавонанд ба муаллиф даъво пешниҳод намоянд.

### Ҳуқуқи ҳифзи асар, аз ҷумла унвони он аз ҳар гуна таҳрифкорӣ ва дигар навъи дахолат, ки метавонад ба номус ва шаъни муаллиф зарар расонад (ҳуқуқи ҳифзи эътибори муаллиф)

Тавассути ин ҳуқуқ муаллиф шаъну эътибори худро ҳамчун муаллифи асар аз ҳама гуна амалиёти ғайриқонунӣ ҳимоя мекунад. Масалан, муаллиф даъво карда метавонад, ки чаро ҳангоми нашри асараш ба он тағйироте ворид кардаанд, ки мазмуни асарро костааст.

### Ҳуқуқи дахлнопазирии асар

Касе бе иҷозати муаллиф ҳуқуқи ба асар даровардани тағйиру иловаҳоро надорад. Мутаассифона, ин ҳолат дар ВАО зиёд ба назар мерасад. Дар баъзе мавридҳо муҳаррирон бе мувофиқа бо муаллифон номи мақоларо дигар мекунанд ё бо мақсади оммафаҳм шудани мақола услуби онро тағйир дода (гӯё барои хонанда ҷолиб мекунанд), нашр мекунанд, ки дар натиҷа мумкин аст мазмуни мақола коста гардад. Баъзе аз муаллифон шикоят мекунанд, ки баъди сӯҳбат (интервю) бо журналист дар

---

[13] Муқимов Н. Асари номбурда. С. 42.

ВАО қисми зиёди матни сӯҳбат паҳн намешавад ва баъзан журналистон суханҳои онҳоро нодуруст маънидод мекунанд. Барои ҳамин журналистон ва дигар кормандони редаксияҳои ВАО ӯҳдадоранд, ки қоидаҳои мавҷудаи дахлдорро ба таври зарурӣ риоя ва истифода намоянд.

Таҳлили таҷрибаи баъзе давлатҳои муштаракулманофеъ нишон медиҳад, ки дар қонунгузории онҳо ҳуқуқи дахлнопазирии асар ва ҳуқуқи ҳимояи асар ба як маънӣ омадааст. Масалан, моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» зери мафҳуми ҳуқуқи дахлнопазирии асар ҳуқуқи ҳимояи онро низ дар назар дорад.

Ҳамин тариқ, мавҷудияти ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволии муаллиф имкон медиҳад, ки номи муаллиф ва дахлнопазирии асар аз ҳуқуқвайронкуниҳо эмин дошта шавад.

**Ҳуқуқҳои амволии муаллиф**

Ҳуқуқҳои амволӣ манфиатҳои амволии муаллифро ифода мекунад. Ин ҳуқуқҳо дар моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» муқаррар шудааст.

Ба муаллиф нисбати асари ӯ ҳуқуқи комили истифодаи асар дар ҳама гуна шаклу тарз дода мешавад ва ин чунин маънӣ дорад, ки муаллиф метавонад амалҳои зеринро иҷро намояд ва ё ба иҷрои онҳо иҷозат диҳад:

*1) таҷдиди асар (ҳуқуқи таҷдид);*

*2) паҳн кардани нусхаҳои асар бо ҳар тарз: фурӯхтан, ба кироя додан ва г. (ҳуқуқи паҳнкунӣ);*

*3) ворид кардани нусхаҳои асар бо мақсади паҳнкунӣ, аз ҷумла нусхаҳое, ки бо иҷозати соҳиби ҳуқуқи комил таҳия шудаанд (ҳуқуқи воридот);*

*4) намоиши оммавии асар (ҳуқуқи намоиши оммавӣ);*

*5) иҷрои оммавии асар (ҳуқуқи иҷрои оммавӣ);*

*6) ба омма дастрас кардани асар (аз ҷумла намоиш додан, иҷро ё ба эфир додан) ба воситаи пахши эфирӣ ва (ё) пахши минбаъдаи эфирӣ (ҳуқуқи пахши эфирӣ);*

*7) ба омма дастрас кардани асар (аз ҷумла намоиш додан, иҷро ё ба эфир додан) ба воситаи кабел ё тавассути дастгоҳҳои дигари ба он монанд (ҳуқуқи пахши кабелӣ);*

*8) тарҷумаи асар (ҳуқуқи тарҷума);*

*9) таҷдиди коркард, аранжировка ва ё навъи дигари коркард (ҳуқуқи коркард);*

*10) ба маълумоти умум расонидани асар барои истифодаи интерактивӣ (ҳуқуқи ба маълумоти умум расонидан).*

Бинобар зарурати мавҷуда ҳуқуқҳои зикршудаи амволии муаллифро мухтасар шарҳ медиҳем.

## Ҳуқуқи таҷдиди асар (ҳуқуқи тайёр намудани нусхаҳои асар)

Ҳуқуқи таҷдиди асар яке аз муҳимтарин ҳуқуқҳои амволии муаллиф мебошад. Таҷдиди асар - ин тайёр намудани асар дар ягон шакли моддӣ мебошад. Яке аз намудҳои таҷдид нусхабардории асар ба ҳисоб меравад. Зери мафҳуми нусхабардорӣ (таҷдиди репрографӣ) дар шакл ва андозаи дилхоҳ як ё якчанд маротиба нусхабардорӣ кардани нусхаҳои асл ё нусхаҳои асарҳои хаттӣ, ё дигар нусхаҳои графикиро бо роҳи нусхабардории аксӣ ё бо кӯмаки васоили техникии дигар, ғайр аз васоили чопӣ, мефаҳманд[14].

---

[14] Муқимов Н. Асари номбурда. С. 45.

**Паҳн кардани нусхаҳои асар бо ҳар тарз: фурӯхтан, ба кироя додан ва ғ. (ҳуқуқи паҳнкунӣ)**

Муаллиф ҳуқуқ дорад, нусхаҳои асари худро ба кироя (прокат) диҳад, фурӯшад ё ройгон диҳад. Агар асари муаллиф қонунан нашр гардида, ба фурӯш бароварда шуда бошад ва харидори нусхаи асар онро бо нархи иловагӣ аз нав фурӯшад, муаллиф ба ҳиссаи нархи иловагӣ даъво карда наметавонад. Нусхаи асар бояд ба таври қонунӣ ба муомилот (масалан, тибқи шартномаи хариду фурӯш байни муаллиф ва харидоре, ки минбаъд нусхаи асарро мефурӯшад) бароварда шуда бошад. Агар дар муомилот нусхаи асари нашргардида ба тариқи ғайриқонунӣ истифода ва паҳн карда шавад, муаллиф ҳуқуқ дорад пеши роҳи онро гирад.

Дар бисёр ҳолатҳо ташкилоти ВАО –и электронӣ нусхаи асарҳои аудиовизуалиро аз нуқтаҳои махсуси савдо ба киро мегиранд ва аниқ намедонанд, ки оё кироядиҳанда иҷозати ба кироя додани ин асарҳоро дорад ё не. Қонун муқаррар кардааст, ки ба кироя додани нусхаи асарҳои аудиовизуалӣ ба муаллиф тааллуқ дорад. Масалан, студияи «Ором» нусхаи филмҳои гуногунро аз мағозаҳои махсуси Русия харида, ба он нархи иловагӣ зам намуда мефурӯшад. Дар ин ҳолат вай аз даромад ба соҳиби ҳуқуқҳои амволии муаллифӣ ҳаққи қалам намепардозад. Лекин барои он ки нусхаи ин филмҳоро ба кироя диҳад, бояд аввал иҷозати соҳиби ҳуқуқҳои амволии муаллифиро гирад. Чунонки Э.Гаврилов қайд мекунад, ҳуқуқи ба кироя додани асар ба соҳибмулки нусхаи асар ҳамон вақт мегузарад, ки агар соҳиби ҳуқуқҳои амволии муаллифии асар дар асоси шартномаи хаттии муаллифӣ ин ҳуқуқро ба соҳибмулки номбурда дода бошад.[15]

---

[15] Ниг.: Гаврилов Э.П., П.Круг. Интеллектуальная собственность на телевидении и радио.- М., 1998, с.30.

**Ворид кардани нусхаҳои асар бо мақсади паҳнкунӣ, аз ҷумла нусхаҳое, ки бо иҷозати соҳиби ҳуқуқи комил таҳия шудаанд (ҳуқуқи воридот)**

Муаллиф ҳуқуқ дорад ба хоҳишмандон иҷозат диҳад, ки нусхаи асари ӯро дар ҳудуди муайян паҳн намоянд ё чунин амалро манъ кунад. Агар шахсони дигар нусхаи асарро ба ҳудуди муайян барои истифодаи шахсӣ баранд, иҷозати муаллиф зарур нест. Масалан, муаллиф ба нашриёти «Алиф» иҷозат дода буд, ки асарашро нашр намуда, дар қаламрави Русия ба фурӯш барорад. Вале агар ин нашриёт хоҳад, ки нусхаҳои нашршударо ба Фаронса бурда фурӯшад, барои ин амал аз муаллиф бояд иҷозат гирад.

**Ҳуқуқи намоиши омавии асар**

Муаллиф метавонад асарро бевосита ё ба воситаи экран, навор, слайд, кадр ё тавассути дигар васоил ё амал дар ҷойҳое, ки иҷрои онҳо метавонад мустақиман пазируфта шавад, намоиш диҳад. Амалишавии ҳуқуқи намоиши омавии асар дар таҷриба чашмнорас аст. Олимон тафсир мекунанд, ки ин ҳуқуқ ба асарҳои интишорнашуда ё ба асарҳое, ки бо мақсадҳои тиҷоратӣ ба намоиш монда мешаванд, мутааллиқ аст [16].

**Ҳуқуқ ба иҷрои оммавӣ**

Иҷрои оммавии асар тавассути бозӣ, суруд, рақс дар шакли иҷрои ҳақиқӣ ё бо ёрии ягон василаи техникӣ пешкаш кардани асар ба омма мебошад. Дар ин маврид ба ҳайси омма ашхосе ширкат мекунанд ё метавонанд ширкат дошта бошанд, ки аҳли оилаи муаллиф ё хешу табори ӯ намебошанд, сарфи назар аз ин, ки онҳо дар як вақт, дар як ҷой ҳузур доранд ё дар вақтҳои гуногун ва ҷойҳои гуногун.

---

[16] Ниг.: Гаврилов Э.П. Комментария к Закону РФ «Об авторском праве и других смежных правах». – М. 2002. С. 129.

**Ҳуқуқи ба омма дастрас намудани асар тавассути пахши эфирӣ ё кабелӣ**

Дар бандҳои 6 ва 7 моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ду ҳуқуқи амволии муаллиф муқаррар карда шудааст, ки мазмунан як хел мебошанд, аммо амалӣ намудани онҳо аз лиҳози техникӣ фарқ мекунад. Яъне, асар метавонад тавассути пахши эфирӣ ё кабелӣ паҳн карда шавад. Дар телевизиону радиои эфирӣ асарҳо тавассути радиобасомадҳо (радиочастоты) ва дар телевизиону радиоҳои кабелӣ тавассути ноқилҳо паҳн мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 40 ташкилоти телевизион ва радио вуҷуд дорад. Ҳар яке аз онҳо вазифадоранд, ки ҳангоми истифодаи асарҳо дар эфири худ бо муаллифон шартнома банданд. Асоси истифодабарии асарҳо ё барномаҳоро шартнома ташкил медиҳад. Масалан, журналисти яке аз телевизионҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фестивали байналмилалӣ бо барномаи худ ҷоиза ва мукофот гирифт. Редаксияи телевизион ва радио норозигӣ баён намуд, ки барнома пурра дар дастгоҳҳои редаксия сохта шуда буд ва он моли редаксия ба шумор меравад. Бинобар ин, ба қавли редаксия, журналист ҳуқуқ надошт, ки барномаро ба фестивал бе розигии редаксия пешниҳод кунад. Ҳалли ин масъала аз шартномаи байни журналист ва редаксия бармеояд. Азбаски журналист корманди редаксия буд ва барномаҳои эҷоднамудаи ӯ асарҳои хизматӣ ба шумор мерафтанд, бинобар ин эроди редаксия дуруст буд, журналист бояд аввал розигии редаксияро мегирифт ва баъд барномаро ба фестивал пешниҳод мекард.

Агар қисме аз барномаҳои телевизион ва радио маҳсули меҳнати кормандони худи редаксияи телевизион ва радио бошад, барномаҳои боқимондаро онҳо аз дигар сарчашмаҳо истифода мебаранд. Боиси нигаронӣ аст, ки на ҳама вақт ташкилотҳои телевизион ва радио розигии муаллифонро барои пахш дар эфир ё кабел мегиранд.

## Ҳуқуқ ба тарҷумаи асар

Барои тарҷума намудани асар аз як забон ба забони дигар иҷозати муаллифи асар зарур аст. Ҳангоми тарҷумаи асар тарҷумон бояд ҳуқуқҳои амволии муаллифро риоя намояд. Тарҷумон бе гирифтани иҷозати муаллифи асар ба тарҷума, каму зиёд намудани асар, ворид намудани тағйирот ба мундариҷаи он ва амалҳои ғайр ҳақ надорад. Вақте ки асар ба забони дигар тарҷума мешавад, забони асар дигар мешавад. Ҳангоме ки ношир чунин асарро нашр кардан мехоҳад, дар ин ҳолат барои ӯ иҷозати ҳам соҳиби ҳуқуқҳои амволии муаллифи асар ва ҳам тарҷумони асари мазкур зарур аст[17].

## Таҷдиди коркард, аранжировка ва ё навъи дигари коркард (ҳуқуқи коркард)

Ҳангоми коркарди асар қисме аз шакли асари коркардшаванда нигоҳ дошта мешавад. Масалан, *Сотим Улугзода асари «Шоҳнома»-ро аз назм ба наср бозгӯ намуд.*

Асар аз ҷониби соҳиби ҳуқуқҳои амволии муаллиф ё шахсони дигар бо иҷозати ӯ таҷдиди коркард мешавад. Дар ин ҳолат асари нав таҳия мешавад ва ҳангоми нашр намудани он, мисли асари тарҷумашуда, иҷозати муаллифи аслии асар ва муаллифи асари коркардшуда зарур аст[18].

## Ба маълумоти умум расонидани асар барои истифодаи интерактивӣ (ҳуқуқи ба маълумоти умум расонидан)

Ҳуқуқи мазкур нисбатан нав аст ва он бевосита ба шабакаи интернет алоқамандӣ дорад. Тибқи ҳуқуқи мазкур асарҳоро дар шабакаи интернет гузоштан низ ҳамчун ҳуқуқи амволӣ эътироф шудааст. Дар шабакаи интернет асарҳоро дар режимҳои гуногун гузоштан мумкин аст: озод, қисман озод, бо истифода аз калид

---

[17] Ниг.: Борохович Л., Монгастырская А., Трохова М. Ваша интеллектуальная собственность. – Санкт – Петербург, 2001. С. 29.
[18] Ниг.: Ҳамон ҷо.

(парол) ва ғ.  Бинобар ин  тарзи гузоштани асарро дар шабакаи интернет муаллиф муқаррар мекунад. Яке аз нозукиҳои масъала дар он аст, ки аз шабакаи  интернет бозпас гирифтани асар душвор аст. Чунки дар шабакаи интернет асар метавонад зуд нусхабардорӣ шуда, дар серверҳои гуногуни рӯи дунё нигоҳ дошта шавад. Бинобар ин муаллиф ин хатарро бояд  дар назар дошта бошад.

Истифодаи ҳуқуқҳои фавқуззикр барои муаллиф то дар қайди ҳаёт будани ӯ тааллуқ дошта, баъди фавташ то панҷоҳ сол аз ҷониби меросхӯрон амалӣ карда мешаванд. Баъди гузаштани панҷоҳ сол асар тибқи моддаи 17 ва 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ба сарвати ҷамъиятӣ мегузарад ва хоҳишмандон бе пардохти ҳаққи қалам ҳуқуқи аз он озодона истифода карданро пайдо мекунанд. Дар ин ҳолат номи муаллиф ва дигар ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволии ӯ ҳатман бояд ба инобат гирифта шавад.

Чунонки қайд кардем, истифодаи ҳуқуқҳои амволии муаллифӣ бе иҷозати ӯ мумкин нест. Муаллиф дар асоси шартнома ба дигар шахсон имкон медиҳад, ки асари ӯро бо тарзҳои гуногун истифода баранд. Зиёда аз ин, қонун боз ҳолатҳои бе иҷозати муаллиф истифода намудани асарҳои муаллифонро пешбинӣ мекунад.

Ин гуна амалҳо бештар ба  ВАО алоқамандӣ доранд. Масалан, дар саҳифаҳои рӯзномаҳо аксар вақт мақолаҳое нашр мешаванд, ки муаллифони онҳо бо редаксияи рӯзнома ягон робитаи корӣ надоранд. Редаксияи рӯзнома аз ин муаллифон барои нашр намудани мақолаи онҳо иҷозат напурсида, танҳо ба номи онҳо ҳамчун муаллиф ишора мекунад. Масалан, дар моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» чунин ҳолатҳо пешбинӣ шудааст:

*Бе ризоияти муаллиф ё дигар соҳиби ҳуқуқи муаллиф ва бе пардохти ҳаққи қалами муаллиф, вале бо ҳатман нишон додани номи муаллифи асари истифодашаванда ва манбаи иқтибос анҷом додани амалҳои зерин мумкин аст:*

*1) иқтибос дар асл ва дар тарҷума бо ҳадафҳои илмӣ, тадқиқотӣ, мубоҳисавӣ, танқидӣ ва иттилоотӣ аз асарҳои қонунан интишорёфта дар ҳаҷме, ки ҳадафи иқтибос тақозо мекунад, аз ҷумла таҷдиди порчаҳо аз мақолаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо дар шакли шарҳу хулосаҳои матбуот;*

*2) истифодаи асарҳои қонунан интишорёфта ва қисматҳои алоҳидаи онҳо ба сифати тасвиру намунаҳо дар нашрияҳо, барномаҳои радио ва телевизион, сабтҳои овозӣ ва видеоии характери таълимидошта, дар ҳаҷме, ки ҳадафи гузошташуда тақозо мекунад;*

*3) дар матбуот, дар барномаҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ барои маълумоти умум таҷдид намудани мақолаҳои дар рӯзномаҳову маҷаллаҳо қонунан чопшуда роҷеъ ба масъалаҳои ҷории иқтисодӣ, сиёсӣ ва динӣ, ба шарте ки чунин амалҳо аз тарафи муаллиф махсус манъ нашуда бошад;*

*4) таҷдиди суханрониҳо, мурочиатномаҳо, маърӯзаҳо ва асарҳои амсоли онҳо дар матбуот, барномаҳои эфирӣ ва хабарҳои кабелӣ барои маълумоти умум, дар ҳаҷме, ки ҳадафи иттилоотӣ тақозо мекунад. Дар ин маврид ҳуқуқи муаллиф барои чоп кардани чунин асарҳо дар маҷмӯаҳо нигоҳ дошта мешавад;*

*5) тавассути суратҳо, бо роҳи барномаҳои эфирӣ ё кабелӣ таҷдид ё ба омма дастрас кардани асарҳо роҷеъ ба ҳодисаҳои маълуми корӣ дар шарҳу хулосаҳои ҳодисаҳои корӣ дар ҳаҷме, ки ҳадафи иттилоотӣ тақозо мекунад. Дар ин маврид ҳуқуқи муаллиф барои дар маҷмӯаҳо чоп кардани чунин асарҳо нигоҳ дошта мешавад;*

*6) таҷдиди асарҳои қонунан нашршуда бидуни гирифтани фоида бо навъи хати нуқтагии барҷаста ва дигар тарзҳои махсус барои нобиноён, ғайр аз асарҳое, ки махсус барои чунин тарзҳои таҷдид офарида шудаанд;*

*7) бе гирифтани фоида як адад нусхабардорӣ кардан:*

*а) асари қонунан нашршуда аз тарафи китобхонаву бойгониҳо барои барқарор ё иваз намудани нусхаҳои вайроншуда ва гумшуда, пешкаш намудани нусхаҳои асар ба*

*китобхонаҳои дигар, ки бо сабабҳои гуногун асарҳоро аз хазинаи худ гум кардаанд, агар ба даст овардани чунин нусха бо роҳи дигар имконнопазир бошад;*

*б) мақолаҳои ҷудогона ва асарҳои ҳаҷман хурди қонунан дар маҷмӯаҳо, рӯзномаҳо аз дигар нашрияҳои даврӣ нашршуда, порчаҳои хурд аз асарҳои қонунан нашршудаи хаттӣ (бо тасвирҳо ва бе он) аз тарафи китобхонаҳо ва бойгониҳо бо талабу дархости шахсони воқеӣ барои мақсадҳои таълимӣ ва таҳқиқотӣ;*

*в) мақолаҳои ҷудогона ва асарҳои ҳаҷман хурди қонунан дар маҷмӯаҳо, рӯзномаҳо ва дигар нашрияҳои даврӣ нашршуда, порчаҳои хурд аз асарҳои қонунан интишорёфтаи хаттӣ (бо тасвирҳо ва бе он) аз тарафи муассисаҳои маориф барои машғулиятҳои таълимӣ.*

Зиёда аз ин, муаллифон мақолаҳои худро ба редаксияи ВАО фиристода, хоҳиши чопи онро мекунанд. Редаксияи рӯзномаҳо ин гуна мақолаҳоро чоп намуда, оқибати ҳуқуқии онро ба назар нагирифта, гумон мекунанд, ки барои ҳама гуна оқибатҳои ҳуқуқвайронкуние, ки дар натиҷаи чоп шудани ин гуна мақола пайдо мешавад, гӯё масъулият танҳо ба ӯҳдаи муаллиф бошад. Бо ҳамин гумон маъмулан дар саҳифаи охири рӯзномаҳо чунин навишта мешавад, ки «масъулияти дурустии маводи муаллифӣ ба зиммаи муаллифи он аст, редаксия барои дурустии маводи муаллифӣ масъулият надорад» ва монанди инҳо.

Дар ҳолати нодуруст будани мазмуни мавод муаллиф масъулиятро ба дӯш мегирад, аммо ҳамзамон редаксияи рӯзнома низ ба он масъул аст, ки онро дар забони ҳуқуқии мурофиавӣ ҳамҷавобгар мегӯянд. Намунаи онро мо дар таҷрибаи рӯзномаи «Вечерний Душанбе» мушоҳида намудем (мақолаи С. Ҷӯраев бо номи «Над судьями тоже есть суд», «ВД», №10, 5.03.04). Дар мақола муаллиф як қатор қонуншиканиҳоро дар суд аз нуқтаи назари худ баҳо додааст. Даъвогар Н. Амиров бошад, ба суд бо

аризаи даъвогӣ мурочиат намуда, норозигии худро иброз медорад, ки мазмуни мақолаи нашршуда ба ҳақиқат мувофиқат намекунад ва шаъну шарафи ӯро паст мезанад. Ҳамчунин ӯ аз суд талаб мекунад, ки редаксияи рӯзномаи «Вечерний Душанбе» ба мақолаи номбаршуда раддия чоп намояд ва товони зарари маънавиро ба маблағи 300.000 сомонӣ ба ӯ пардохт кунад. Суд парвандаро баррасӣ намуда, даъворо қисман қонеъ кард, яъне редаксияи рӯзномаро ӯҳдадор намуд, ки раддия чоп кунад ва якҷоя бо муаллифи мақола С. Ҷӯраев ба даъвогар Н. Амиров чун товони зарари маънавӣ 5.000 сомонӣ супорад[19].

Бояд дар назар дошт, ки эҳтимолияти ба ҳақиқат мувофиқ наомадани мақолаҳои муаллифон ҳамеша вуҷуд дорад, аз ин рӯ маводи ба редаксия пешкашшуда бояд зери назорати сармуҳаррири редаксия қарор гирад. Чунонки таҷриба нишон медиҳад, муаллиф ва ташкилоти ВАО барои он маводе, ки тавассути ВАО нашр мешавад ва боиси расонидани зарар ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони дигар мегардад, масъулияти муштаракро ба дӯш доранд. Қонунгузорӣ баъзе ҳолатҳои истисноиро пешбинӣ мекунад, ки тибқи онҳо ташкилоти ВАО ва журналист барои паҳн намудани маълумоти бардурӯғ аз ҷавобгарӣ озод мебошанд. Ин ҳолатҳо дар моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» чунин пешбинӣ шудаанд:

*Муҳаррир (сармуҳаррир) ва ҳамчунин журналист барои дар воситаи ахбори омма паҳн кардани маълумоти бардурӯғ дар чунин мавридҳо ҷавобгар нестанд:*

*1) агар ин маълумот дар ахбори расмӣ бошад;*

[19] Ниг.: Обзор судебной практики по делам о диффамации в отношении журналистов. URL.: http://www.medialawca.org/node/4011

*2) агар ин маълумот аз агентиҳои иттилоотӣ ё умури матбуоти мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ гирифта шуда бошад;*

*3) агар он такрори таҳтуллафзи нутқҳои вакилони халқ дар анҷуманҳо ва иҷлосияи маҷлисҳо, вакилони анҷуманҳо, конференсияҳо, раёсатҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин нутқҳои расмии шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ бошад;*

*4) агар он дар нутқҳои муаллиф, ки мустақиман ба мавҷ меравaнд ё дар матнҳое бошад, ки мувофиқи ҳамин Қонун набояд таҳрир шаванд. (Қонуни ҶТ №38 аз 10.05 с.2002).*

## 6. Ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ҳангоми истифодаи интернет

Натиҷаи фаъолияти эҷодӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллиф тибқи моддаи 40-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 13 ноябри соли 1998 ва дигар муқаррароти қонунгузорӣ ҳифз карда мешавад.

Ҳифзи ҳуқуқи муаллиф дар шабакаи интернет мушкилоти хоса дорад. Ин ба хусусияти худи интернет, ки он дар тамоми дунё паҳновар аст, вобастагӣ дорад. Зеро муайян кардани вайронкунандаи ҳуқуқи муаллиф дар шабакаи интернет кори мушкил аст. Истифодабарандае аз дигар давлат бо истифода аз шабакаи интернет метавонад ҳуқуқу манфиатҳои қонунии дигаронро вайрон кунад ё аз ҳудуди давлати мо, бо истифода аз номи сохтаи худ дигар ҳуқуқвайронкуниҳоро содир намояд. Дар ин ҷараён шахсияти ҳуқуқвайронкунандаро муайян кардан душвор аст.

Дар ин масъала таҷрибаи давлатҳои пешрафта омӯзанда мебошад. Масалан, дар ИМА доир ба ин

масъала механизми хубе рӯи кор оварда шудааст. Агар нафаре дар шабакаи интернет бинад, ки асараш бе иҷозати ӯ ё бо номи каси дигар интишор шудааст, ӯ метавонад ба провайдер маълумот диҳад, ки дар сайти «XXX» ҳуқуқи муаллифии ӯ вайрон шудааст. Провайдер вазифадор аст, ки ҳамон маводро аз сайт бадар кунад ва ба нафаре, ки ба қонуншиканӣ «гумонбар» шудааст, хабар диҳад. Агар «гумонбар» чунин шуморад, ки ӯ қонунӣ рафтор кардааст, бояд шахсияти худро пурра ба провайдер маълум созад ва талаб кунад, ки маводи бадаршуда барқарор карда шавад. Провайдер маводро барқарор мекунад, баъдан ба даъвогар дар бораи шахсияти «гумонбаршуда» пурра маълумот медиҳад. Баҳс байни даъвогар ва «гумонбаршуда» ё худ «ҷавобгар» тавассути суд ҳал мегардад. Агар суд ба хулосае ояд, ки қонуншиканӣ вуҷуд дорад, пас провайдер маводро аз сайт абадан бадар мекунад, дар акси ҳол сайт бетағйир мемонад.

Албатта, ҳангоми будани қонуншиканӣ шахс ба дигар намудҳои ҷавобгарӣ низ кашида мешавад, яъне танҳо бадар намудани мавод аз сайт - ин роҳи ҳалли масъала нест, аммо барои муаллиф ин бисёр муҳим аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қонуни махсус қабул нашудааст. Аммо дар моддаи 47 ва 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ҳолатҳои вайрон шудани ҳуқуқҳои муаллиф ва чораҳои ҳифзи ҳуқуқҳои муаллиф пешбинӣ шудааст. Онҳо аслан барои ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ба асарҳое мебошанд, ки дар муомилоти муқаррарӣ ҷой доранд. Ҳамзамон, меъёрҳои номбаршударо ҳангоми истифодаи ғайриқонунии асарҳо дар шабакаи интернет низ истифода бурдан мумкин аст. Тибқи моддаи 47 Қонуни Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» нусхаҳои асар ва фонограммаҳое, ки таҳия ва паҳн намудани онҳо боиси вайрон кардани ҳуқуқҳои

муаллифӣ ва вобаста ба он мешавад, нусхаҳои ғайриқонунӣ ҳисоб меёбанд. Дар ҳолате, ки асар бе иҷозати муаллиф дар интернет гузошта мешавад, он нусхаи электроние, ки дар сервери дастрас ба интернет ҳаст, нусхаи электронии ғайриқонунӣ ба шумор меравад. Бинобар ин дар асоси талаби муаллиф чунин нусха метавонад ба ӯ баргардонида ва аз интернет бадар карда шавад.

Хеле муҳим аст, ки муаллиф барои ҳифзи ҳуқуқҳои худ тайёр бошад ва, ба фикри мо, хуб мебуд, агар муаллиф баъди офаридани асар:

- чораҳои пешгирии вайрон шудани ҳуқуқи муаллиф ё худ чораҳои эҳтиётӣ, худмуҳофизатиро андешад;
- дар ҳолати вайрон шудани ҳуқуқи муаллифии худ чораҳои созиш ё муроҷиат ба мақомоти давлатиро андешад.

**Чанд чораи пешгирии вайрон шудани ҳуқуқи муаллиф ё худ чораҳои эҳтиётӣ вуҷуд дорад, ки баъзе аз онҳоро номбар менамоем:**

1. Дар ҳар нусхаи асар аломатҳои ҳифзи ҳуқуқи муаллиф – ҳарфи лотинии С дар доира, номи соҳиби ҳуқуқҳои амволии муаллиф ба асар, соли нашри аввали асарро навиштан зарур аст. (Масалан: © Саидов Саид, 2011). Дар ҳолати набудани ин аломатҳо низ ҳуқуқи муаллиф ҳифз карда мешавад, аммо барои эҳтиёт беҳтараш онҳоро мондан даркор. Ин ишора ба нафароне мебошад, ки асарро дастрас мекунанд. Онҳо огоҳ мешаванд, ки дорандаи ҳуқуқҳои муаллиф ба ин асар кист. Ҳамзамон хуб мешавад, ки навиштаҷоте низ дар баробари он аломатҳо бошад - ба мисли «ҳангоми истифодаи ин мавод зикри номи муаллиф ва истинод ба сарчашма ҳатмӣ аст», ё «нусхабардории ин мавод бидуни розигии муаллиф манъ аст» ва ғ. Ин гуна маълумотҳо аз

мантиқи қонун бармеоянд, аммо на ҳама аз он огоҳ мебошанд. Бинобар ин навиштаҷоти зикршуда вазифаи расонидани иттилоот ва ҳушдор карданро дорад.

2. Барои ҳифзи ҳуқуқи муаллиф вақти пайдо шудани асар низ муҳим аст. Аз ин лиҳоз маводи тайёршударо тавассути низоми маълумотпаҳнкунӣ (рассылка) масалан рассылки@mail.ru ба суроғаҳои муайяни дар он қайдгардида расондан мумкин аст, ки дар ин ҳолат вақти фиристода шудан сабт мегардад.
3. Маводро метавон дар ягон сайти дигар низ ҷойгир кард. Чунин тарзи кор беҳтар аст, зеро агар асар дар чанд сайт бо номи муаллиф ҷойгир шавад, барои муаллиф далел бештар пайдо мегардад.
4. Ҳангоми навиштани асар журналистон баъзан усули хоси худро истифода мебаранд. Масалан, журналист Сайфиддин Достиев дар мақолаҳояш чунин ибораро истифода мекунад «ба гуфти бобои Ғулом». Бобои Ғуломро шояд касе нашиносад, аммо барои фардикунонии навиштаҳо чунин усул кӯмак мекунад. Бинобар ин, агар ҳар эҷодкор дар дохили матн ҳамин гуна нозукиҳоро ҷой диҳад, масъалаи исботи гуноҳи ҳуқуқвайронкунанда осон мегардад.
5. Барои эҳтиёт муаллиф метавонад асарро тавассути почта бо мактуб ба суроғаи худ фиристад ва ҳангоми гирифтан чунин мактубро кушодан зарур нест. Чунки дар ҳолати дар суд пайдо шудани баҳс доир ба асари мазкур лифофа ва қайдҳои почтавии дар он мавҷудбуда нақши ҳалкунанда мебозанд.
6. Ҳамзамон муаллиф метавонад усули дигар - дар махзанҳо супоридани асарро (депонирование) низ

истифода кунад. Мутаассифона, ҳоло дар Тоҷикистон ин гуна усул истифода намешавад.

7. Усули дигаре, ки аз ҷониби дорандагони ҳуқуқҳои амволӣ ба асарҳо истифода мешавад, дар зербинои нусхаҳои электронии расмҳо ҷойгир намудани қайдҳои ба назар номаълум мебошад. Яъне, дар зербинои расм номи дорандагони ҳуқуқҳои амволӣ ба расм ва соли нашри онро менависанд. Ҳангоми дидани расм он навиштаҳо ба назар наменамоянд, аммо тавассути барномаи махсуси компютерӣ онро хондан мумкин аст.
8. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ дар нотариус тасдиқ кардани нусхаи асарҳои электрониро истифода мебаранд. Яъне, муаллиф бо компютери пайваста ба шабакаи интернет ба назди нотариус меравад ва асари дар шабакаи интернет будаи худро чоп намуда, дар нотариус ин фактро тасдиқ мекунад. Ҳангоми тайёр намудани ин мавод мо ба чанд нотариус муроҷиат кардем, вале, мутаассифона, маълум гашт, ки чунин таҷриба дар мо ҳоло вуҷуд надорад.

Ҳангоми вайрон шудани ҳуқуқи муаллиф онро метавон бо роҳи созиш ё муроҷиат кардан ба мақомоти давлатӣ ҳифз кард. Вақте ки муаллиф аз ғайриқонунӣ истифода шудани асари худ огоҳ мешавад, вай бояд, аввал, далелҳои заруриро дастрас намуда, барои ҳалли масъала метавонад ба худи ҳуқуқвайронкунанда муроҷиат кунад. Таҷриба нишон медиҳад, ки қисме аз ҳуқуқвайронкунандагон аз тарси ҷавобгарӣ зуд аз мавқеашон мегарданд ва аз шабакаи интернет ҳамаи «асари дуздидашударо» бадар мекунанд.

Агар суроғаи нафари ҳуқуқвайронкунанда маълум набошад, пас ба соҳиби домейн ё сервер (хостер) муроҷиат кардан даркор аст, чунки соҳибони сервер медонанд, ки мавҷудияти асарҳои дуздидашуда дар сервери онҳо ба манфиати кор нест (ба мисли он, ки касе моли дуздидаи

рафиқашро дар хонаи худ пинҳон мекунад). Соҳиби домейнро муқаррар кардан душвор нест. Масалан, агар домейни TJ бошад, пас дар сайти www.nic.tj соҳиби домейнро аниқ кардан мумкин аст.

Дар ҳоле, ки ҳуқуқвайронкунанда маълум мешавад ва ӯ масъулиятро ба ӯҳда гирифта, оқибатҳои рафторашро ҷуброн мекунад, он гоҳ масъала, то дараҷае ҳал мешавад. Аммо агар ӯ ихтиёран масъулиятро ба ӯҳда нагирад, он гоҳ ҷабрдида метавонад ба мақомоти давлатӣ муроҷиат кунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллифон маъмулан дар робита ба ин масъала, ба се мақомот муроҷиат мекунанд: ба Шӯъбаи ҳифзи ҳуқуқи муаллиф дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон; ба Вазорати корҳои дохилӣ; ба суд.

## 7. Таҷрибаи ҷаҳонии танзими муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба интернет

Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ дер боз баҳсҳо оид ба танзими муносибатҳои вобаста ба интернет идома доранд. Арзишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ гуногун мебошанд ва табиист, ки танзими онҳо низ ба таври гуногун сурат мегирад. Масалан, қабули порнография барои шарқ ва ғарб як хел нест, махсусан барои мусалмонон.

Дар сатҳи байналмилалӣ санади ягонаи танзимкунандаи тамоми масоили вобаста ба интернет вуҷуд надорад ва, ба фикри мо, вуҷуд ҳам дошта наметавонад. Чунки дар шабакаи интернет муносибатҳои дорои хусусиятҳои гуногун сурат мегирад ва танзими онҳо тавассути як санад ғайриимкон аст.

Бо вуҷуди ин санадҳое ҳастанд, ки онҳо як гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба интернетро ба танзим медароранд ва дар ин бахш мо дар бораи онҳо маълумоти мухтасар медиҳем.

Дар Аврупо Эъломия дар бораи озодии муошират дар интернет соли 2003 қабул шуд, ки мақсади асосии он

таъмини озодии сухан мебошад. Тибқи ин эъломия ҷавобгарии шахсоне, ки иттилоотро дар интернет ҷойгир мекунанд аз ҷавобгарии шахсоне, ки онро паҳн мекунанд бояд фарқ карда шавад[20].

Моҳи июли соли 2002 дар Иттиҳоди Аврупо санаде қабул шуд (The EU Directive on Privacy and Electronic Communications). Тибқи он ширкатҳое, ки «спам» паҳн мекунанд, бояд барои қабулкунандагон имкони рад кардани қабули «спам»- ро пешниҳод намоянд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки яке аз масоили мушкил аниқ намудани шахсияти нафарест, ки дар интернет маълумот паҳн мекунад. Бо мақсади ҳалли ин масъала соли 2000 дар Фаронса қонун қабул шуд, ки тибқи он провайдерҳо ӯҳдадор шудаанд, ки ба шахсони манфиатдор доир ба шахсияти гумонбаршуда – вайронкунандаи ҳуқуқи муаллиф хабар диҳанд. Провайдер барои пешниҳод кардани «хост» ба шахсони номаълум (ё ба таври анонимӣ) ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Яъне, провайдер аввал шахсияти ҳар як муаллифро бояд муайян кунад ва фақат баъд аз он имкони кушодани сайтро диҳад. Ба ақидаи вазири корҳои дохилии Олмон Томас де Мезером, дар интернет «беном» муоширaт кардан бояд маҳдуд шавад[21].

Дар Британияи Кабир механизми хуби назорати интернетро ташкил кардаанд, яъне фонди назорати интернет (Internet Watch Foundation - IWF) ташкил шуд, ки он аз ҷониби провайдерон маблағгузорӣ мешавад. Фонди мазкур асосан шикоятҳоро доир ба мазмуни маводҳои интернет қабул ва баррасӣ менамояд. Агар ғайриқонунӣ будани мавод дар интернет маълум шавад, фонд дарҳол ба провайдерон маълумот медиҳад ва онҳо

[20] Ниг.: Монахов В.Н. Свобода массовой информации в интернете. Правовые условия реализации. – М.: Галерия, 2005. С. 209.

[21] Ниг.:Германия: интернет и государство. http://cerkov.by/page/germanija-internet-i-gosudarstvo 25. 12. 2005.

ин иттилоотро аз шабакаи интернет хориҷ мекунанд. Яъне, ин усули худтанзимкунист, ки худи ҷомеа, бе иштироки давлат кӯшиши ҳалли қисми масоилро мекунад.

Чин яке аз давлатҳое мебошад, ки ба танзими муносибатҳо дар интернет аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Дар Чин чанд санад қабул шудааст. Соли 1994 «Қоидаҳои танзими таъмини бехатарии компютерӣ ва низоми итттилоотӣ» қабул шудааст. Дар Чин иттилоот дар интернет аввал аз филтр мегузарад ва баъзе иттилоот, аз ҷумла иттилооти зиддикоммунистӣ, сайтҳои порнографӣ, сайтҳое, ки бозиҳои қимор доранд, дарҳол боздошт мешаванд. Ҳамзамон, дар ин мамлакат соли 2005 дар интернет муошırати беном манъ карда шуд. Соли 2006 полиси махсус ба фаъолият шурӯъ кард, ки назоратро аз рӯи шабакаҳои дастрас (онлайн)- форумҳо мебарад. Соли 2009 қонуне қабул шуд, ки тибқи он ҳангоми қайди домейнҳо дар ҳудуди домейни CN ҳатман бояд маълумотҳои шахсӣ ва агар соҳибкор бошад, инчунин рақами иҷозатнома пешниҳод шаванд. Соли 2010 қонуни дигаре қабул шуд, ки мувофиқи он сурудҳои хориҷӣ дар сайтҳои чинӣ бояд ба забони чинӣ тарҷума гарданд. Тарҷумаро Вазорати фарҳанг аз назар мегузаронад[22]. Яъне, танзими мушаххаси мунсибатҳои вобаста ба интернетро (маҳдудиятҳоро) мо дар қонунгузории Чин бараъло мушоҳида мекунем.

Дар ИМА низ санадҳои гуногун қабул шудаанд, ки муносибатҳои вобаста ба интернетро танзим мекунанд. Масъалаи асосӣ тавассути IP суроға маълум кардани ҳуқуқвайронкунандаҳо мебошад. Нафароне, ки ҳуқуқҳои муаллифиашон вайрон мешаванд, дар бораи шахсони ҳуқуқвайронкунанда тавассути провайдер маълумот мегиранд.

[22] Ниг.: Интернет в Китае. URL.: http://www.rian.ru/world/20100113/204310750.html

Инчунин, дар ИМА қарорҳои судӣ низ дар ҳалли масъалаи марбут ба интернет нақши муҳим доранд. Дар шабакаи интернет барномаҳое вуҷуд доранд, ки истифодаи онҳо таъсири манфӣ дорад. Масалан, соли 2000 дар ИМА суд бо қарори худ паҳн намудани барномаи компютерии DeCSS-ро манъ намуд (парвандаи Universal City Studios, Inc. v. Reimerdes). Барномаи мазкур қулфҳои ҳифозатии дискҳои DVD- ро мекушод, ки дар натиҷа ба соҳибони маводҳои дар DVD сабтшуда зарар мерасид. Ғайр аз ин, на танҳо паҳн кардани чунин барнома, балки гиперссылка (ишора) ба сайте, ки дар он чунин барнома ҷойгир аст, низ мамнӯъ аст.

Дар Федератсияи Россия қонуни алоҳида доир ба интернет вуҷуд надорад. Соли 2010 бо ташаббуси як гурӯҳ мутахассисон лоиҳаи қонуне доир ба даровардани тағйиру илова ба Қонуни ФР «Дар бораи иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ ва ҳифзи иттилоот» матраҳ шуд, ки дар он доир ба чанд самти вобаста ба интернет меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда шудааст, аз ҷумла:

1. Мафҳумҳои асосӣ дода шудааст (шабакаи интернет, иттилоот, оператори сайт , провайдер ва ғ.);
2. Доираи амали қонунгузории ФР нисбат ба шабакаи интернет вобаста ба объект ва субъектҳои муносибатҳои дар ин доира пайдошаванда муқаррар шудааст;
3. Принсипҳои асосии танзими давлатии муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба интернет муқаррар шудааст;
4. Муқаррар шудааст, ки танҳо суд ҳуқуқи маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ба интернет вобастаи шахсро дорад.

Бо лоиҳаи қонуни мазкур ба пуррагӣ метавон ба забони руссӣ дар сайти http://narod.ru/disk/22458018000/zakon_internet.pdf.html шинос шуд.

**Чанд сухан дар бораи тачрибаи ташклоте, ки бо номи** Creative Commons вуҷуд дорад.

Creative Commons ба забони тоҷикӣ шартан «ҷомеаи эҷодкорон» тарҷума мешавад. Мақсади ин ташкилот аз он иборат аст, ки соҳибони ҳуқуқҳои муаллифӣ бо истифода аз аломатҳои шартӣ қисме аз ҳуқуқҳои амволии худро ба ҷомеа барои истифодаи озод ва ройгон (ки онҳоро иҷозатнома мегӯянд) иҷозат дода тавонанд ва қисми дигарро барои худ нигоҳ доранд.

Creative Commons иҷозатномаҳоеро пешниҳод намудааст, ки онҳо аз чор аломати шартӣ иборат мебошанд ва ҳар яке аз онҳо барои истифодабарандаи асар дар барои имконоти истифодабарии асар хабар медиҳад. Чунин аломатҳои шартӣ истифода мешаванд:

**CC-BY** - ин аломат дарак аз он медиҳад, ки истифодабаранда бояд номи муаллифро, тавре ки муаллиф интихоб кардааст, ёдрас шавад.

**CC-NC** (Non-commercial) - ин аломат дарак аз он медиҳад, ки истифодаи асар бо мақсади гирифтани фоида манъ аст.

**CC-ND** (No Derivative Works) - ин аломат дарак аз он медиҳад, ки дар заминаи асар таҳияи асари дигар манъ аст.

**CC-SA** (Share Alike) - ин аломат дарак аз он медиҳад, ки паҳн, нусхабардорӣ ва коркарди асар иҷозат дода шудааст, ба шарте ки асари бавуҷудомада бо ҳамин шарт

паҳн карда шавад.

Бо истифода аз ин аломатҳо одатан 6 намуди иҷозатнома дода мешавад.

(by-nc-nd) - ҳангоми мавҷудияти ин аломатҳо дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад (нусхабардорӣ, паҳн ва ғ.), аммо бояд: 1) номи муаллифро зикр намояд; 2) асарро бо мақсади ғайритиҷоратӣ истифода кунад; 3) дар заминаи ин асар асари дигарро таҳия накунад.

(by-nc-sa) - ҳангоми мавҷудияти ин аломатҳо дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад (нусхабардорӣ, тарҷума, паҳн ва ғ.), аммо бояд: 1) номи муаллифро зикр намояд; 2) асарро бо мақсади ғайритиҷоратӣ истифода кунад; 3) метавонад дар заминаи асар асари нав таҳия кунад, аммо боз бо ҳамин шарт бояд онро паҳн кунад.

- ҳангоми мавҷудияти ин аломатҳо дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад (нусхабардорӣ, тарҷума, паҳн ва ғ.), аммо бояд: 1) номи муаллифро зикр намояд; 2) асарро бо мақсади ғайритиҷоратӣ истифода кунад.

**(by-nd) - ҳ**ангоми мавҷудияти ин аломатҳо дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад (нусхабардорӣ, паҳн ва ғ.), аммо: 1) бояд номи муаллифро зикр намояд; 2) дар заминаи асар асари нав таҳия накунад.

- ҳангоми мавҷудияти ин аломатҳо дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад (нусхабардорӣ, тарҷума, паҳн ва ғ.), аммо: 1) бояд номи муаллифро зикр намояд; 2) метавонад дар заминаи асар асраи нав таҳия кунад, вале боз бо ҳамин шарт бояд онро паҳн кунад.

- ҳангоми мавҷудияти ин аломат дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад, аммо бояд номи муаллифро зикр намояд. Боқимонда амалҳо озод аст- яъне истифодабаранда метавонад аз он нусха бардорад ва бо мақсади тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ онро паҳн кунад, дар заминаи ин асар, асари нав эҷод кунад ва паҳн намояд.

Creative Commons фаъолияти худро аз соли 2001 оғоз намудааст. Қароргоҳи ин ташкилот дар Сан-Франсиско буда, асосгузори он Лоуренс Лессиг, мебошад. Таҷрибаи Creative Commons дар 36 давлати ҷаҳон мавриди истифода шудааст.

Барои маълумот овардани чанд расмро зарур мешуморем, ки муаллифони онҳо аз иҷозатномаҳои Creative Commons истифода бурдаанд[23].

---

[23] http://ru.wikipedia.org/wiki/Creative_Commons



Ш. Мадалиев



Ш. Мадалиев

Ғайр аз чораҳои ҳуқуқии зикршуда, инчунин чораҳои техникӣ низ барои ҳалли баъзе масъалаҳо мусоидат мекунанд. Масалан, барои бо асардуздӣ дар интернет мубориза бурдан барномаи – «Анти-Плагиат» (www.plagiarism.ru) мавриди истифодабарӣ қарор дода мешавад, ки тавассути он маводҳои ба забони русӣ duздидашударо дар шабакаи интернет муайян кардан мумкин аст. Барномаи мазкур хеле оддӣ мебошад. Дар он матни санҷишшавандаро (то 500 аломат) ворид карда,

супориш дода мешавад, ки барнома ҷустуҷӯ кунад. Дар ҷавоб барнома муқаррар мекунад, ки чанд фоизи матн аз кадом сарчашма гирифта шудааст. Бояд қайд кард, ки барномаи мазкур пурра плагиат будан ё набудани маводро муқаррар карда наметавонад, аммо то як дараҷаи муайян маълумот дода метавонад, ки дар таҳияи мавод аз кадом сарчашма истифода бурда шудааст.

## 8. Шартномабандӣ ҳангоми истифодаи интернет

Ҳангоми истифода аз интернет муносибатҳои гуногуни шартномавӣ ба вуҷуд меоянд. Истифодаи ин ё он намуди шартнома ба муносибати воқеӣ вобастагӣ дорад. Агар мақсад аз шартнома пайвастшавӣ ба шабакаи интернет бошад, шартнома дар бораи хизматрасонӣ оид ба дастрасӣ ба интернет баста мешавад. Агар муаллиф иҷозат диҳад, ки асари ӯ дар интернет гузошта шавад, он гоҳ шартномаи муаллифӣ, агар барои дар сайт эҷод ва ҷойгир намудани асаре зарурат бошад, пас шартномаи муаллифии фармоишӣ, баста мешавад. Дар бораи баъзе аз онҳо додани маълумоти мухтасарро лозим мешуморем.

**Шартномаи муаллифӣ**

Дар моддаи 40 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки моликияти зеҳнӣ дар ҳимояи қонун аст. Натиҷаи фаъолияти эҷодии журналист ё дигар шахсони эҷодкор моликияти зеҳнӣ маҳсуб мегардад. Муаллиф офарандаи моликияти зеҳнӣ аст. Ин моликият ба муаллиф вақте фоидаи моддӣ меорад, ки он дар муомилот қарор дошта бошад.

Моликияти зеҳнӣ дорои арзиши моддӣ мебошад. Меъёри ягонаи арзиши моддии моликияти зеҳниро дар шароити иқтисоди бозорӣ наметавон муқаррар кард. Яъне, айнан мисли дигар молҳои истеҳсолшаванда

арзиши онро муаллиф бо назардошти бозор муайян мекунад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ барои пешрафти илм ва дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои кори илмӣ соҳибкороне лозиманд, ки дастовардҳои илмро аз нуқтаи назари иқтисодӣ идора карда тавонанд. Барои ин гуна шахсон на танҳо донистани соҳаи муайяни илм, балки маърифати иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва ҳуқуқӣ зарур аст.

Муаллиф ҳамчун офарандаи моликияти зеҳнӣ натиҷаи фаъолияти худро ба сифати асар ба харидор метавонад пешниҳод кунад. Агар муаллиф китоби нашршударо ба қиммати 10 сомонӣ фурӯшад, ин маънои онро дорад, ки муаллиф моликияти моддии худро фурӯхтааст. Яъне **китоб, ҳамчун ашёест,** ки асари муаллиф дар он ифода шудааст. Ҳуқуқҳои амволии муаллиф ба ин асар ба соҳибҳуқуқ боқӣ мемонад ва ба харидори китоб намегузарад. Яъне, харидори китоб онро аз мағоза харида, ҳуқуқи тарҷума ва дигар навъи истифодаеро, ки барои он иҷозати соҳиби ҳуқуқҳои амволии муаллиф зарур аст, пайдо намекунад. Ҳангоме ки муаллиф ҳуқуқҳои амволии муаллифии худро ба каси дигар таҳвил медиҳад, ин раванд бо шартнома расмӣ карда мешавад. Ҳамин тариқ, вақте ки асар дар шабакаи интернет ҷойгир мешавад ва мо онро аз сайтҳо дастрас менамоем, ба мо касе ҳуқуқ надодааст, ки онро нусхабардорӣ намуда, паҳн кунем ва ғ. Барои амалҳои номбаршуда розигии муаллиф зарур аст, ки он дар асоси шартнома сурат мегирад.

Шартнома бо розигии тарафҳо баста мешавад ва аз шартҳои муайян иборат аст. Розӣ будани тарафҳо ба шартҳои шартнома муҳим аст. Шартномае, ки бо роҳи фиреб, таҳдид, зӯрӣ баста мешавад, беэътибор дониста мешавад. Шартномаи муаллифӣ чунин шартномаест, ки тавассути он муаллиф ҳуқуқҳои амволии худро ба шахсони дигар таҳвил медиҳад. Яъне, тавассути шартномаи муаллифӣ танҳо ҳуқуқҳои амволии муаллиф таҳвил дода мешаванд.

Муаллиф наметавонад дар асоси шартномаи муаллифӣ асари эҷодкардаашро бо номи каси дигар муаррифӣ намояд. Масалан, шахс асарро навишта, тавассути шартномаи муаллифӣ метавонад нашри онро ба ташкилоте иҷозат диҳад ва барои ин ҳаққи қалам гирад, аммо дар асар номи муаллиф зикр мешавад (агар муаллиф хоҳад). Яъне ҳуқуқи ном бо шартномаи муаллифӣ ба каси дигар намегузарад.

Муаллиф метавонад тавассути шартномаи муаллифӣ ба шахсони дигар иҷрои амалҳои зеринро мутобиқи қонун иҷозат диҳад:

1) таҷдиди асар (ҳуқуқи таҷдид);

2) паҳн кардани нусхаҳои асар бо ҳар тарз: фурӯхтан, ба кироя додан ва ғ. (ҳуқуқи паҳнкунӣ);

3) ворид кардани нусхаҳои асар бо мақсади паҳнкунӣ, аз ҷумла нусхаҳое, ки бо иҷозати соҳиби ҳуқуқи комил таҳия шудаанд (ҳуқуқи воридот);

4) намоиши оммавии асар (ҳуқуқи намоиши оммавӣ);

5) иҷрои оммавии асар (ҳуқуқи иҷрои оммавӣ);

6) ба омма дастрас кардани асар (аз ҷумла намоиш додан, иҷро ё ба эфир додан) ба воситаи пахши эфирӣ ва (ё) пахши минбаъдаи эфирӣ (ҳуқуқи пахши эфирӣ);

7) ба омма дастрас кардани асар (аз ҷумла намоиш додан, иҷро ё ба эфир додан) ба воситаи кабел ё тавассути дастгоҳҳои дигари ба он монанд (ҳуқуқи пахши кабелӣ);

8) тарҷумаи асар (ҳуқуқи тарҷума);

9) таҷдиди коркард, аранжировка ва ё навъи дигари коркард (ҳуқуқи коркард);

10) ба маълумоти умум расонидани асар барои истифодаи интерактивӣ (ҳуқуқи ба маълумоти умум расонидан).

Ҳар як шартнома аз шартҳое иборат аст, ки онҳо дар маҷмӯъ мазмуни шартномаро ташкил медиҳанд. Шартҳои муҳими шартномаи муаллифӣ дар моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва

ҳуқуқҳои вобаста ба он» пешбинӣ шудаанд, ки тарафҳо бояд ҳангоми бастани шартномаи муаллифӣ онҳоро ба назар гиранд.

Дар шартномаи муаллифӣ оид ба шартҳои зерин бояд созиш ба даст ояд:

- **Тарзу усулҳои истифода аз асар (ҳуқуқҳои мушаххас, ки тавассути шартнома таҳвил дода мешаванд).**

Дар шартномаи муаллифӣ бояд саҳеҳ қайд шуда бошад, ки кадом ҳуқуқҳои амволии муаллиф ба истифодабаранда таҳвил дода мешаванд.

Агар ин шарт дуруст риоя нашавад, шартномаи муаллифӣ наметавонад манфиати тарафҳоро инъикос кунад. Масалан, агар дар шартнома ба истифодабаранда танҳо ҳуқуқи тарҷумаи асар иҷозат дода шуда бошад, истифодабаранда ҳуқуқи таҷдиди асарро надорад, ӯ танҳо асарро тарҷума карда метавонаду халос.

Ҳамаи ҳуқуқҳои дигар ба истифодаи асар, ки таҳвили онҳо бевосита дар шартномаи муаллифӣ зикр нагардидааст, таҳвилдоданашуда ҳисоб мешавад (моддаи 26 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва дигар ҳуқуқҳои вобаста ба он»).

- **Мӯҳлате, ки ҳуқуқҳо таҳвил дода мешаванд**

Дар шартномаи муаллифӣ бояд мӯҳлати таҳвили ҳуқуқи амволии муаллиф аниқ зикр карда шавад. Яъне муаллиф ба истифодабаранда ба мӯҳлати муайян иҷозати истифодаи асарашро вогузор менамояд.

Дар сурати дар шартномаи муаллифӣ зикр нашудани мӯҳлати таҳвили ҳуқуқ шартнома метавонад пас аз панҷ соли санаи ба имзо расиданаш аз тарафи муаллиф бекор карда шавад, агар истифодабаранда шаш моҳ пеш аз бекор карда шудани шартнома ба таври хаттӣ огоҳ карда

шуда бошад (моддаи 26 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он»).

- **Ҳудуде, ки ҳуқуқҳои амволии муаллифӣ таҳвил дода мешаванд**

Муаллиф ҳуқуқ дорад иҷозат диҳад, ки асари ӯро истифодабаранда дар ҳудуди муайян мувофиқи ҳуқуқҳои амволии муаллифии таҳвилшаванда истифода намояд. Масалан, истифодаи асар танҳо дар ҳудуди Федератсияи Русия иҷозат дода мешавад.

Дар сурати дар шартномаи муаллифӣ зикр нашудани шарти истифодаи он дар ҳудуди муайяне, ки ҳуқуқ таҳвил мегардад, амали ҳуқуқи аз рӯйи шартномаи таҳвилшаванда дар ҳудуди қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд мегардад (моддаи 26 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он»).

- **Андозаи ҳаққи қалам ва ё тартиби муайян намудани андозаи ҳаққи қалам барои ҳар як тарзи истифода аз асар, тартиб ва мӯҳлатҳои пардохти он**

Ҳаққи қалам дар шартномаи муаллифӣ ба таври фоизи муайян аз даромади тарзи истифодаи асар ва ё агар амалӣ сохтани он вобаста ба хусусияти асар ва ё хусусиятҳои истифодаи он имконнопазир бошад, ба андозаи маблағи устувор ва ё ба ягон тарзи дигар, вале на камтар аз андозаи ҳадди ақалли ҳаққи қалами муаллиф муқаррар карда мешавад.

Андозаҳои ҳадди ақалли ҳаққи қалами муаллиф аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мегардад ва ҳамзамон бо индексатсияи андозаҳои ҳадди ақалли музди меҳнат индексатсия карда мешаванд.

Агар дар шартномаи муаллифӣ роҷеъ ба табъу нашр ва

ё тарзи дигари таҷдиди он ҳаққи қалам ба сурати маблағи устувор муайян гардида бошад, пас дар шартнома бояд ҳадди аксари адади нашри нусхаҳои асар муқаррар карда шавад (моддаи 26 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он»).

Масъалаи дигаре, ки дар шартнома муайян кардани он муҳим аст, таҳвил додан ё надодани ҳуқуқҳои комили амволии муаллиф ба истифодабаранда мебошад.

Дар моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» чунин муқаррар шудааст:

*Таҳвили ҳуқуқҳои амволӣ метавонад комил ё ғайрикомил бошад (иҷозатномаи комил ва ғайрикомил).*

*Шартномаи муаллифӣ доир ба таҳвили ҳуқуқҳои комил истифодаи асарро аз рӯйи тарзу усулҳои муайян ва дар ҳудуди бо шартнома муқарраргардида танҳо ба шахсе иҷозат медиҳад, ки ин ҳуқуқҳо ба ӯ таҳвил дода мешаванд ва чунин шахс ҳақ дорад, ки бо ҳамин усул истифодаи асарро аз тарафи шахсони дигар манъ кунад (иҷозатномаи комил).*

*Ҳуқуқи манъи истифодаи асарро аз тарафи шахсони дигар муаллифи асар низ метавонад амалӣ созад, ба шарте ки шахсе, ки ба ӯ ҳуқуқҳои комил дода шудааст, ин ҳуқуқро ҳимоя накунад.*

*Шартномаи муаллифӣ роҷеъ ба таҳвили ҳуқуқи ғайрикомил истифодаи асарро дар баробари соҳиби ҳуқуқҳои комил ба истифодабаранда ва (ё) шахсони дигар, ки бо ҳамин тарз дар бораи истифодаи асар иҷозат гирифтаанд, иҷозат медиҳад (иҷозатномаи ғайрикомил).*

*Ҳуқуқе, ки аз рӯйи шартномаи муаллифӣ таҳвил дода мешавад, ғайрикомил ба ҳисоб меравад, ба шарте ки дар шартнома мустақиман чизи дигаре пешбинӣ нашуда бошад.*

Таҳвили ҳуқуқҳои амволии муаллифии комил ва ғайрикомилро бо мисоли зерин шарҳ медиҳем.

Муаллиф асарро меофарад ва бо ташкилоти ИҶ «Шарқ» шартномаи муаллифӣ мебандад. Дар шартнома қайд мешавад, ки ИҶ «Шарқ» ба тарҷума ва таҷдид

намудани ин асар ҳуқуқи комил дорад. Яъне ғайр аз ИҶ «Шарқ» каси дигар, ҳатто муаллиф ҳуқуқи тарҷума ва таҷдид намудани ин асарро надорад. Дар шартномаи байни онҳо танҳо ду ҳуқуқи амволии муаллиф бо иҷозатномаи комил ба ИҶ «Шарқ» гузашт. Муаллиф метавонад ғайри ин ду ҳуқуқи амволӣ дигар ҳуқуқҳои амволиро бо ҳамин тартиб ба шахсони дигар таҳвил диҳад. Аммо, азбаски ин ду ҳуқуқро бо иҷозати комил танҳо ба ИҶ «Шарқ» таҳвил додааст, бе иҷозати ИҶ «Шарқ» муаллиф ё каси дигар наметавонад ин асарро тарҷума ва таҷдид намояд.

Агар муаллиф ҳуқуқҳои амволии худро бо иҷозати ғайрикомил ба ИҶ «Шарқ» таҳвил медод, дар ин сурат ӯ ҳуқуқ дошт, ки тарҷума ва таҷдид намудани ин асарро боз ба шахсони дигар низ иҷозат диҳад.

Дар моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ду шакли бастани шартномаи муаллифӣ пешбинӣ шудааст: – хаттӣ ва шифоҳӣ. Дар моддаи номбурда чунин оварда шудааст: *«Шартномаи муаллифӣ бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. Шартномаи муаллифӣ барои истифодаи асар дар нашриёҳои даврӣ метавонад дар шакли шифоҳӣ низ баста шавад»*.

Дар шакли хаттӣ бастани шартномаи муаллифӣ афзалтар мабошад, зеро ҳангоми шифоҳӣ бастани шартнома ҳалли масъалаҳои баҳсноки пайдошаванда душвор мегардад.

Дар амал шартномаи муаллифии фармоишӣ зиёд истифода мешавад. Ҳангоми бастани ин навъи шартнома асар тайёр нест ва он дар оянда аз ҷониби муаллиф эҷод мешавад. Ба андешаи Н.Муқимов, шартномаи фармоишӣ аз тамоми шартҳои шартномаҳои муаллифӣ бархурдор буда, илова ба он имкони додани пешпардохтро ба муаллиф фароҳам меорад[24].

Дар моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» дар

---

[24] Ниг.Муқимов Н. Асари номбурда. С. 89.

бораи шартномаи муаллифии фармоиш чунин муқаррар шудааст:

*Тибқи шартномаи муаллифии фармоиш муаллиф ӯҳдадор мешавад, ки мутобиқи шартҳои шартнома асар офарад ва онро ба фармоишгар супорад.*

*Фармоишгар ӯҳдадор аст, ки ба ҳисоби ҳаққи қалами муаллифии дар шартнома зикршуда ба муаллиф пешпардохт диҳад. Андоза, тартиб ва мӯҳлати додани пешпардохт дар шартнома бо ризоияти тарафайн муқаррар карда мешавад.*

*Агар муаллиф асари фармоиширо тибқи шартҳои шартномаи фармоишӣ пешниҳод накунад, ӯ вазифадор аст, ки зарари воқеии ба фармоишгар расидаро ҷуброн намояд.*

Зарари воқеии ба фармоишгар расондашуда, бидуни фоидае, ки мебоист ба даст меомад, ҳисобида мешавад. Яъне қонунгузор нисбат ба муаллиф, ки натавонистааст асари фармоиширо эҷод намояд, ҷавобгариро танҳо дар доираи ҷуброни зарари воқеии расидашуда муқаррар кардааст.

## Шартномаи хизматрасонӣ доир ба дастрас намудани интернет

Барои пайвастшавӣ ба шабакаи интернет шахси хоҳишманд бояд ба провайдер муроҷиат кунад. Провайдерон субъектоне мебошанд, ки ба шабакаи умумиҷаҳонии интернет дастрасӣ доранд ва имконоти чунин дастрасиро ба дигар шахсон пешниҳод мекунанд.

Муносибати провайдерро бо муштарӣ доир ба дастрас намудани интернет қонунгузории гражданӣ ба танзим медарорад. Дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизматрасонӣ доир ба дастрас намудани интернет меъёри махсус қайд нашудааст. Дар айни ҳол дар боби 37 кодекси мазкур доир ба шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ қоидаҳои умумӣ пешбинӣ шудаанд. Шартномаи хизматрасонӣ доир ба дастрас намудани интернет яке аз намудҳои шартномаи хизматрасонии пулакӣ мебошад, бинобар ин ҳангоми

бастани он талаботи боби 37 татбиқ мешавад.

Ҳар як шартнома аз шартҳои муайян иборат мебошад (мавзӯъ, нарх, ҳуқуқу ӯҳдадории тарафҳо ва дигар ҳолатҳо).

**Тарафҳо** дар шартномаи хизматрасонӣ доир ба дастрас намудани интернет бо номи Провайдер ҳамчун иҷрокунанда ва бо номи Фармоишгар ҳамчун муштарӣ баромад мекунанд. Провайдерон дар Тоҷикистон шахсони ҳуқуқии тиҷоратие мебошанд, ки дар асоси иҷозатномаи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият машғул мешаванд. Муштарӣ шахси дилхоҳ шуда метавонад.

**Шакли** шартнома бояд хаттӣ бошад, чунки яке аз тарафҳо (провайдер) шахси ҳуқуқӣ аст. Тибқи талаботи моддаи 186 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар яке аз тарафҳо шахси ҳуқуқӣ бошад, пас шартнома бояд ба таври хаттӣ баста шавад.

Шарти муҳими ҳар шартнома мавзӯи он мебошад. Мавзӯи шартномаи хизматрасонӣ доир ба дастрас намудани интернет аз дастрас шудани муштарӣ ба шабакаи интернет иборат аст. Яъне ба муштарӣ имконият дода мешавад, ки дар вақти дилхоҳ ба шабакаи интернет ворид шавад, тавассути интернет иттилоот фиристад ва қабул кунад, почтаи электрониашро истифода барад, доир ба истифодаи шабакаи интернете, ки муштарӣ истифода кардааст, маълумот гирад

**Нарх** низ дар шартномаи зикршуда яке аз шартҳои муҳим ба шумор меравад. Муштарӣ вобаста ба нархномаи интихобнамудааш ба провайдер маблағи муайянро пардохт мекунад. Маблағ метавонад аз рӯйи соати истифодашавандаи интернет, аз рӯйи ҳаҷми истифодашаванда ё ба таври яклухт пардохта шавад.

**Мӯҳлат** дар шартномаи зикршуда метавонад муқаррар шавад ё шартнома бемӯҳлат бошад.

Шартнома аз **ҳуқуқу ӯҳдадориҳои** тарафҳо иборат аст. Провайдер ӯҳдадор аст, ки ба муштарӣ шабакаи интернетро дастрас намояд. Дар ин бахш муайян кардани сифати хизматрасонӣ муҳим мебошад. Ҳаҷм ва сифати

шабакаи интернети дастрасшаванда бояд дар шартнома зикр гардад.

Суръати пайвастшавӣ ба интернет бо Кбайт/сония чен карда мешавад. Барои пайвастшавии босуръат таҷҳизот, барномаи дар он коркунанда, сифати алоқаи телефон, тарифи пайвастшавие, ки муштарӣ интихоб кардааст, нақши муҳим мебозанд. Яъне дар шартнома бояд маълумот дар бораи суръати дастрасӣ ба интернет ифода шавад.

Ҳамчунин провайдер ӯҳдадор аст, ки ба муштарӣ алоқаи интернетро ба таври доимӣ таъмин карда тавонад ва дар ҳолати тағйирёбии нархи тариф ё дигар шартҳои шартнома пешакӣ ба муштарӣ оид ба онҳо хабар расонад.

Ӯҳдадории муштарӣ пеш аз ҳама иборат аст аз саривақт пардохт намудани ҳаққи хизматрасонӣ. Ҳамзамон муштарӣ ӯҳдадор аст, ки интернетро ба он мақсаде истифода кунад, ки дар шартнома зикр шудааст (масалан, дар шартнома метавонад муқаррар шавад, ки муштарӣ наметавонад дастрасӣ ба интернетро ба дигар шахсон дода, маблағ рӯёнад).

**Ҷавобгарии** тарафҳо дар доираи муносибатҳои шартномавӣ сурат мегирад. Дар шартномаҳое, ки провайдерон пешниҳод мекунанд, одатан барои муштарӣ ноустуворона (неустойка, пеня) ба маблағи то 5% муайян карда мешавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар бораи ғайримуносиб иҷро шудани ӯҳдадории провайдер на ҳама вақт дар шартнома ноустуворона муқаррар мешавад. Шартномае, ки провайдерон пешниҳод мекунанд, шартномаи ҳамроҳшавӣ мебошад. Бинобар ин муштарӣ ноилоҷ ба шартҳои пешниҳоднамудаи провайдер розӣ мешавад.

Дар сурати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартнома провайдер вазифадор аст ба муштарӣ зарари расонидашударо дар ҳаҷми пурра ҷуброн намояд.

Одатан муштариён ҳангоми имзои шартнома, мутаассифона, бо шартҳои он ба пуррагӣ шинос намешаванд. Масалан, дар шартномаи яке аз провайдерон омадааст, ки агар муштарӣ хоҳад, ки моҳи оянда

хизматрасонӣ боздошт шавад, бояд пешакӣ ба провайдер хабар расонад. Дар ҳолати хабар нарасонидан, новобаста ба он, ки муштарӣ интернетро истифода кардааст ё не, маблағи шартнома (абонентӣ) дар он моҳ супорида мешавад. Ба ақидаи чанд муштарӣ, агар онҳо моҳе аз шабакаи интернет истифода набаранд, пас маблағи абонентии интернетро дар моҳи мазкур набояд ба провайдер супоранд. Аммо, вақте ки ин ҳолат дар шартнома (маблағи абонентӣ) муқаррар шудааст ва муштарӣ имзо кардааст, он гоҳ новобаста ба истифодабарӣ (дар ҳолати пешакӣ огоҳ накардан), муштарӣ ин маблағро месупорад.

**Тағйир ё бекор** намудани шартнома метавонад бо розигии тарафҳо сурат гирад. Одатан шартнома бо розигии тарафҳо ё бо фаро расидани мӯҳлати шартнома бекор мегардад. Аммо дар баъзе ҳолатҳо шартнома бо ташаббуси як тараф метавонад ба тариқи судӣ бекор карда шавад. Масалан, агар иҷрои шартнома имконнопазир бошад, агар аз тарафи дигар вайрон кардани шартҳои пешбининамудаи қонунҳо ё шартнома дар мавриди сифат, мӯҳлати иҷро ва дигар шартҳо ба вуҷуд омада бошад; агар тарафи дигар тибқи тартиби муқарраргардида муфлис эътироф шуда бошад; агар санади мақомоти давлатӣ, ки дар асоси он шартнома баста шуда буд, тағйир дода ё бекор карда шуда бошад; дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунҳо ё шартнома.

Дар сурати яктарафа тағйир додан ё бекор кардани шартнома як тараф бояд тарафи дигарро на дертар аз як моҳ пешакӣ огоҳ созад.

Дар зер намунаи шартномаҳоро барои истифода тавсия медиҳем.

**НАМУНА**

**Шартнома доир ба таҳвили ҳуқуқҳои амволии муаллиф**

ш. ________________ «___» _______ соли 20 __ .

____________________________, минбаъд «Муаллиф», аз як тараф ва аз тарафи дигар ______________________, минбаъд «Истифодабаранда» дар шахси ______________, дар асоси Оинномаи ташкилот шартномаи мазкурро бо шарту тартиби зерин бастанд:

**1. Мавзӯи шартнома**

1.1. Муаллиф ба Истифодабаранда ҳуқуқи истифодаи комили (ё ғайрикомили) асари ______________________ – ро барои амалҳои зерин иҷозат медиҳад:

(заруraш истифода мешавад)

1.1.1. таҷдиди асар;

1.1.2. паҳн намудани нусхаҳои он бо тарзу усулҳои дилхоҳ (фурӯш, ба киро додан ва ғ.);

1.1.3. воридоти нусхаҳои асар ба ҳудуди муайян;

1.1.4. тарҷумаи асар (ҳуқуқ ба тарҷума);

1.1.5. дар сайти «ХХХ» ҷойгир намудани асар;

1.1.6. (бо розигии тарафҳо боз дигар ҳуқуқҳо).

**2. Мӯҳлати таҳвили ҳуқуқи муаллифӣ**

2.1. Истифодаи ҳуқуқҳои амволии муаллиф, ки мувофиқи банди 1 шартномаи мазкур ба Истифодабаранда дода шудааст, аз лаҳзаи имзои ҳамин шартнома то ____ сол эътибор дорад.

**3. Ҳудуди истифодаи асар**

3.1. Истифодабаранда ҳуқуқҳои ба ӯ таҳвилшударо ба асар дар ҳудуди ______________ ____________________истифода бурда метавонад.

**4. Нархи шартнома**

4.1. Аз фоидаи умумии истифодаи асар вобаста ба он

амалҳое, ки мувофиқи банди 1 ҳамин шартнома ба Истифодабаранда иҷозат дода шудааст, _______% ба Муаллиф пардохт карда мешавад.

4.2. Пардохти маблағ ба Муаллиф дар муддати ______ рӯз баъди гирифтани фоидаи воқеӣ аз истифодаи асар аз ҷониби Истифодабаранда сурат мегирад.

4.3. Барои дуруст ҳисоб намудани ҳаққи қалами Муаллиф, Истифодабаранда бо хоҳиши Муаллиф ӯҳдадор аст, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳои молиявиро вобаста ба истифодаи асар пешниҳод намояд.

4.4. Дар ҳолати вайрон намудани тартиби пардохти ҳаққи қалам аз ҷониби Истифодабаранда мувофиқи ҳамин шартнома ҷарима ба ____ карат андозаи ҳаққи қалами воқеӣ баробар аст.

**5. Ҷавобгарии тарафҳо**

5.1.Тарафҳо барои иҷро накардани ӯҳдадориҳо ва вайрон намудани талаботи шартнома мувофиқи муқаррароти шартномаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият доранд.

**Суроғаи тарафҳо:**
Муаллиф:
______________________________________________
Истифодабаранда: ____________________________

**Имзои тарафҳо:**
Муаллиф _____________________________________
(ному насаб)
Истифодабаранда ______________________________
(вазифа ва ному насаб, мӯҳр)

**НАМУНА**

**Шартнома доир ба тайёр намудани сайт**

шаҳри Душанбе __ ____________ соли 2011

___________________________ минбаъд дар матни шартнома «Фармоишгар» номида мешавад, аз як тараф ва аз тарафи дигар ________________________________, ки минбаъд дар матни шартнома «Иҷрокунанда» номида мешавад, шартномаи мазкурро бо шарту тартиби зерин имзо карданд:

**1. Мавзӯи шартнома**

1.1. Иҷрокунанда ӯҳдадор аст сайтро тайёр намуда, ба Фармоишгар супорад ва Фармоишгар ӯҳдадор аст, ки онро қабул намуда, маблағи подошро пардохт кунад.
1.2. Сайт бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:
Номи сайт ______________________________
Мазмуни сайт: Дар сайт бояд имконияти ҷойгир намудани иттилоот дар шакли матнҳои WORD, PDF (ва ғ. форматҳо), сурудҳо, видео, сурат ва дигар намудҳои маводи иттилоотӣ бошад. Дар сайт қисмҳои зерин бояд чашмрас бошанд:

- Маълумоти асосӣ
- Хабарҳо
- Сохтор
- Ҳамкориҳо
- Барномаҳо
- Китобхона ва ғ.

Забон: тоҷикӣ, русӣ, англисӣ
Сайт бояд ба хонанда фаҳмо бошад, тавассути ҳамаи браузерҳо кушода шавад, низоми ҷустуҷӯкунанда дошта бошад, бо employed чораҳои бехатарӣ таъмин бошад.

## 2. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо

2.1. Иҷрокунанда ӯҳдадор аст:

- шахсан тибқи талаботи шартномаи мазкур сайтро тайёр кунад ва дар мӯҳлати дар шартнома муқарраршуда ба Фармоишгар супорад;
- сайтро на дертар аз ___ _____ соли _____ ба Фармоишгар бо тариқи электронӣ пешниҳод кунад;
- ҳангоми тайёр намудани сайт ҳуқуқҳои муаллифӣ ва моликияти зеҳнии дигар шахсонро вайрон накунад (сайт ҳангоми пешниҳод шуданаш аз ҳамагуна даъво бояд эмин бошад);
- то тасдиқ шудани иҷрои кор аз ҷониби Фармоишгар сайтро мукаммал ва сайқал диҳад, камбудиҳояшро тибқи эроди Фаромишгар ислоҳ кунад;
- ба Фармоишгар иттилоеро, ки барои истифодаи минбаъдаи сайт зарур аст, супорад.

2.2. Тамоми ҳуқуқҳои амволии муаллифӣ (моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он») баъди тайёр кардани сайт ба тариқи комил, бемаҳдудияти мӯҳлат ба Фармоишгар мегузаранд.
2.3. Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад сайтро пеш аз мӯҳлат супорад, маблағи подошро талаб кунад.
2.4. Фаромишгар ӯҳдадор аст:

- ба Иҷрокунанда маблағи дар шартнома муқарраршударо сари вақт пардохт намояд;
- маводҳои зарурии иттилоотии дар сайт истифодашавандаро сари вақт ба Иҷрокунанда диҳад.

2.5. Фармоишгар ҳуқуқ дорад:

- аз қабули сайт даст кашад, агар сайт ба талаботи дар шартнома муқарраршуда ҷавобгӯ набошад;
- баъди қабули сайт бо ташаббуси худ ба он тағйирот ворид намояд (бо риояи ҳуқуқи муаллифони дигар).

## 3. Пешниҳод ва қабули сайт

3.1. Иҷрокунанда сайтро бояд ба намояндаи Фармоишгар ____________________(ному насаб) супорад ва намоянда дар асоси санад онро бояд қабул кунад.
3.2. Агар намоянда чунин ҳисоб кунад, ки сайт ба такмил ниёз дорад, бояд пешниҳодҳояшро, бо таври хаттӣ, дар давоми ___ рӯз ба Ичрокунанда ирсол кунад. Иҷрокунанда ӯҳдадор аст дар давоми ______ рӯз камбудиҳоро ислоҳ кунад. Дар ҳолати ислоҳ шудани камбудиҳо санади якҷояи қабули сайт аз ҷониби Иҷрокунанда ва намояндаи Фармоишгар ба имзо мерасад.
3.3. Дар ҳолате, ки сайт дар мӯҳлати дар шартнома муайяншуда аз ҷониби Иҷрокунанда тайёр нашудааст, Фармоишгар ҳуқуқ дорад, ки маблағи дар шартнома муқарраршударо қисман, мутобиқ ба қисми иҷрошудаи кор, пардохт кунад (ё метавонад умуман кори нимтайёри Иҷрокунандаро қабул накунад ва аз пардохт даст кашад).
3.4. Дар ҳолати сари вақт тайёр нашудани сайт , ки боиси ба Фармоишгар расидани зарар мегардад, Фармоишгар ҳуқуқ дорад аз шартнома даст кашад ва товони зарарро талаб намояд.

## 4. Пардохт

4.1. Фармоишгар баъди имзо шудани санади қабул дар давоми на зиёда аз ___ рӯз бояд ба Ичрокунанда ________________ сомонӣ подош диҳад (30% аз маблағи зикршуда пешпардохт мешавад).

## 5.Кафолати сайт

5.1. Иҷрокунанда кафолат медиҳад, ки ҳангоми тайёр намудани сайт ҳуқуқҳои муаллифӣ, ҳуқуқҳои вобаста ба муаллифӣ ё дигар ҳуқуқҳои шахсони сеюмро вайрон накардааст.
5.2. Агар ҳангоми тайёр намудани сайт ҳуқуқҳои шахсони дигар вайрон шуда бошад ва онҳо вобаста ба сайт даъво (ё иддаъо) пешниҳод кунанд, Иҷрокунанда ҳатман ва саривақт бояд ҷавобгариро пурра ба ӯҳда гирад, дар суд иштирок намояд, хароҷоти судӣ ва ҷаримаҳоро пардохт кунад.
5.3. Аз ҷониби Иҷрокунанда аз лиҳози техникӣ кафолати коршоям будани сайт дар давоми ду сол дода мешавад. Агар дар давоми ду сол дар сайт мушкилоте пайдо шавад, ки он бидуни гуноҳи Фаромишгар ба вуҷуд омада бошад, пас Иҷрокунанда онро бояд ислоҳ кунад. Агар мушкилоти пайдошуда бо айби Фармоишгар рух дода бошад, пас маблағи иловагӣ барои рафъи мушкилот ба Иҷрокунанда пардохта мешавад.

## 6.Ҷавобгарии тарафҳо

6.1. Агар Иҷрокунанда ӯҳдадориҳояшро иҷро накунад ва ин боиси қатъ шудани шартнома гардад, он гоҳ ӯ ба Фармоишгар ҷуброни зарари воқеиро месупорад.
6.2. Агар Иҷрокунанда ӯҳдадориҳояшро дер иҷро кунад ва Фармоишгар онро қабул кунад, пас Иҷрокунанда барои ҳар рӯзи дершуда, ____% аз маблағи умумии шартнома ҷарима месупорад.
6.3. Фаромишгар барои дер пардохтани маблағ барои ҳар рӯзи дермонда ____ % аз маблағи умумии шартнома ҷарима месупорад.
6.4. Иҷрокунанда барои корношоямии техника ва барномаҳои компютерии Фаромишгар ҷавобгар нест. Дар

ҳолати ошкор шудани корношоямии техника ва барномаҳои компютерии Фармоишгар, ки барои тайёр намудани сайт монеъ мешавад, Иҷрокунанда ӯҳдадор аст ба Фармоишгар саривақт маълумот диҳад.

## 7. Ҳолатҳои рафънопазир

7.1. Тарафҳо он гоҳ аз ҷавобгарӣ озоданд, ки агар иҷро нашудани ӯҳдадориҳо натиҷаи таъсири қувваҳои рафънопазир (заминларза, офатҳои табиӣ, сӯхтор, ҷанг, амалиёти ҳарбӣ, блокада, эмбарго, қарори мақомоти давлатӣ ва дигар ҳолатҳое, ки аз иродаи тарафҳо вобаста нестанд) бошад.
7.2. Ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳолатҳои рафънопазир мӯҳлати иҷрои шартнома мутобиқан ба мӯҳлати давомёбии ҳолатҳои рафънопазир тамдид карда мешавад.
7.3. Тарафҳо якдигарро аз пайдо шудани ҳолатҳои рафънопазир фавран бояд хаттӣ огоҳ кунанд.

## 8. Махфият

8.1. Тарафҳо (ҳамчунин кормандони онҳо) ӯҳдадоранд, ки ҳар маълумот, ҳуҷҷат ва маводе, ки дар доираи ҳамкории шартномавӣ ба тарафҳо маълум шудааст, махфӣ нигоҳ доранд. Чунин махфият дар давоми панҷ соли баъди тамом шудани мӯҳлати шартнома бояд вуҷуд дошта бошад.

## 9. Ҳолатҳои хотимавӣ

9.1. Ин шартнома аз лаҳзаи имзо шудан то иҷрои пурраи ӯҳдадориҳои тарафҳо амал мекунад.
9.2. Тарафҳо метавонанд ба шартнома ба тариқи хаттӣ тағйироту иловаҳо ворид кунанд (бо тартиб додани созишномаи иловагӣ, гузоштани мӯҳр ва имзо ба он).

9.3. Тарафҳо метавонанд бо розигии якдигар шартномаро пеш аз мӯҳлат қатъ кунанд.
9.4. Агар сайт бе назардошти талаботи ин шартнома тайёр карда шуда бошад, Фармоишгар метавонад шартномаро ба тариқи судӣ пеш аз мӯҳлат яктарафа бекор кунад ва маблағ напардохта, пешпардохтро бозпас талаб карда гирад .
9.5. Баҳсҳои пайдошуда ба тариқи маслиҳат ҳал карда мешаванд. Дар ҳолати ҳал нашудани баҳс тарафҳо метавонанд ба суд муроҷиат кунанд.
9.6. Иҷрокунанда ӯҳдадориҳои худро наметавонад ба дӯши каси дигар гузорад. Дар сурати барои тайёр кардани сайт ҷалб намудани шахси сеюм Иҷрокунанда вазифадор аст, ки розигии Фармоишгарро гирад.
9.7. Баъди имзои ин шартнома тамоми мукотибот ва маслиҳатҳо доир ба ин шартнома беэътибор мебошанд.
9.8. Ин шартнома дар ду нусха якнусхагӣ барои ҳар як тараф тартиб дода шудааст, ки мазмуни якхела доранд.

**Суроға ва маълумотҳои бонкӣ**

Фармоишгар
Иҷрокунанда
Ном
Суроға
РМА
Рақами суратҳисоб
Имзо ва мӯҳр

## 9. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани ҳуқуқи муаллиф ҳангоми истифодаи интернет

Барои манфиатҳои ғаразнок вайрон намудани ҳуқуқҳои муаллифӣ падидаи нав нест. Барои чунин кирдори зиддиқонунӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ муқаррар карда шудааст. Яке аз мақсадҳои ба ҷавобгарӣ кашидан ҳимояи ҳуқуқ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Чанд ҳолатҳоро вобаста ба татбиқи ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ ба шахсоне, ки ҳуқуқҳои муаллифро вайрон менамоянд, баррасӣ мекунем.

Барои вайрон кардани ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва гражданӣ пешбинӣ шудааст[25].

**Ҷавобгарии ҷиноятӣ.** Ҷиноят будани кирдорро Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад. Дар моддаи 156 Кодекси номбурда чунин муқаррар шудааст:

Вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ, ҳуқуқи муҷовир ва ҳуқуқи дорандагони патент

1) Бо номи худ интишор кардани асари илмӣ, адабӣ, мусиқӣ ё бадеии шахси дигар, инчунин барномаи шахси дигар барои мошинҳои электронии ҳисоббарор (МЭҲ) ё махзани маълумот ё тарзи дигари азхудсозии муаллифӣ ба чунин асар, азхудкунии муаллифии ихтироот, ҳамчунин маҷбур намудан ба ҳаммуалифӣ,-

бо ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳоти меҳнатӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Ғайриқонунӣ истифода бурдани объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ё ҳуқуқҳои муҷовир, инчунин ғайриқонунӣ истифода бурдани ихтироот, модели фоидаовар ё

[25]Ниг.: Муқимов Н. Асари номбурда. С. 130.

намунаҳои истеҳсолоти саноатӣ, барномаҳо барои мошинҳои электронии ҳисоббарор (МЭҲ) ё махзани маълумот, бидуни розигии муаллиф ё изҳоркунанда фош намудани моҳияти ихтироот, модели фоидаовар ё намунаи истеҳсолоти саноатӣ то нашри расмии маълумот дар бораи онҳо, агар ин кирдор дидаю дониста ё аз беэҳтиётӣ ба миқдори калон зарар расонида бошад,-

бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдори пешбининамудаи қисми якум ё дуюми ҳамин модда, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ анҷом дода шудааст, -

бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то як ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: Таҳти мафҳуми зарар ба миқдори калон зараре фаҳмида мешавад, ки агар он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёд бошад.

Бо мақсади дарки мазмуни ин меъёр мисоле меорем. Муаллиф хабардор мешавад, ки асари ӯ бо номи каси дигар интишор шудааст. Дар ин ҳолат ӯ ҳуқуқ дорад ба мақомоти таҳқиқу тафтишот (суд, прокуратура, милитсия ва ғ.) ариза навишта, талаб намояд, ки шахси ҳуқуқҳои муаллифро вайроннамуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Бо назардошти асосҳо мақомоти таҳқиқу тафтишот ӯҳдадор мешаванд, ки парвандаи ҷиноятӣ оғоз кунанд ва дар ҳолати исбот шудани гуноҳи шахс суд бо истифодаи моддаи 156 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мекашад.

Агар муаллиф расман муроҷиат накунад (ариза нанависад) мақомоти таҳқиқу тафтишот наметавонад парвандаи ҷиноятиро оғоз кунад. Ин қоидаро дар ҳуқуқ

(моддаи 24 КМҶ ҶТ ) айбдоркунии хусусӣ мегӯянд. Баъди навиштани ариза ва оғоз шудани парвандаи ҷиноятӣ, агар муаллиф бо шахсе, ки ҳуқуқи ӯро вайрон намудааст, оштӣ шаванд, мақомоти таҳқиқу тафтишот бо ин асос парвандаи ҷиноятиро қатъ мекунад. Мувофиқи талаботи қисми 4 моддаи 24 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси номбаршуда прокурор ҳуқуқ дорад, сарфи назар аз мавқеи ҷабрдида, таъқиби ҷиноятиро оид ба айбдоркунии хусусӣ анҷом диҳад. Доир ба ҳимояи ҳуқуқи муаллиф чунин ҳолатҳо дар таҷриба кам ба чашм мерасанд. Яъне барои ҳимояи ҳуқуқҳои муаллиф қадами қатъӣ бояд аз ҷониби муаллиф гузошта шавад. Суд дар асоси исботи гуноҳ ҳукм бароварда, шахси гунаҳгорро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мекашад.

Дар моддаи 146 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия барои вайрон кардани ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ҷазо ба мӯҳлати то 6 сол аз озодӣ маҳрум кардан пешбинӣ шудааст, ки он нисбати муқаррароти моддаи 156 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазнинтар мебошад. Аммо олимони Федератсияи Россия ақида доранд, ки ҷазои дар моддаи 146 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия пешбинӣ кардашуда бояд пурзӯр карда шавад. Чунки ҷинояткор бо истифода аз ҳуқуқҳои муаллиф метавонад фоидаи калон ба даст оварад, аммо ҳадди ҷазои ҷиноятии пешбинишуда дар таносуб ба ҷазоҳое, ки барои дигар ҷиноятҳои иқтисодӣ муқаррар шудаанд, кам мебошад[26].

**Ҷавобгарии маъмурӣ.** Дараҷаи ба ҷамъият хавфнок будани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноят муҳимтарин

---

[26] Невская М. А., Сухарев Е.Е., Тарасова Е.Н. Авторское право в издательском бизнесе и СМИ: Практичесое пособие. – М.: Издательско- торговая корпорация «Дашков и К», 2010. С. 265.

ҳусусияти фарқкунандаи ин ду гурӯҳи кирдорҳо мебошад. Кирдори ҷиноятӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ хавф ва зарари зиёдтар дорад.

Дар моддаи 376 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар шудааст:

1. Барои ғайриқонунӣ тайёр намудан, ворид кардан, фурӯхтан, ба кироя додан ё ба таври дигари ғайриқонунӣ бо мақсадҳои тиҷоратӣ истифода бурдани нусхаи асарҳо ва фонограммаҳо, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, агар, -

- нусхаи асарҳо ё фонограммаҳо қалбакӣ (контрафакт) бошанд;

- дар нусхаи асарҳо ё фонограммаҳо дар бораи истеҳсолкунандагон ва ҷойи истеҳсоли онҳо маълумоти нодуруст, инчунин дигар маълумот, ки метавонад истеъмолкунандаро гумроҳ созад, зикр ёфта бошад;

- дар нусхаи асарҳо ё фонограммаҳо нишонаи ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ё нишонаи ҳифзи ҳуқуқи вобаста ба муаллифӣ нобуд карда ё тағйир дода шуда бошад, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ҳафт то даҳ, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз дусад то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори дар сархатҳои якум, дуюм ва сеюми қисми якуми ҳамин модда пешбинишуда, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то понздаҳ, ба шахсони мансабдор аз шаст то сад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сесад то чорсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима таъйин карда мешавад.

Мувофиқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии

маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судя корҳои доир ба ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар моддаи 696 муқарраршударо дида мебарояд ва доир ба натиҷаи он қарор мебарорад. Яъне, агар исбот шавад, ки шахс ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар моддаи 376 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршударо содир намудааст, ҷавобгарӣ татбиқ карда мешавад; агар гуноҳи ӯ исбот нашавад, қарори қатъ намудани кор оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бароварда мешавад.

**Ҷавобгарии граждании – ҳуқуқӣ.** Дар ҳолате, ки ҳуқуқҳои муаллиф вайрон мешаванд, ӯ ҳуқуқ дорад барои барқарор намудани ҳуқуқҳои худ даъво карда, талофии зарари моддию маънавии ба ӯ расидаро талаб намояд. Муаллиф метавонад ин талаботи худро, пеш аз ҳама, ба шахсе, ки ҳуқуқҳои ӯро вайрон намудааст, пешниҳод намояд. Дар сурати қонеъ нашудани талабот ӯ ҳуқуқ дорад ба суд муроҷиат кунад.

Масалан, мувофиқи шартномаи муаллифӣ истифодабаранда бояд дар мӯҳлати муқарраргардида ҳаққи қалами муаллифро пардохт мекард, аммо ӯ ин ӯҳдадории худро иҷро накард. Дар ин ҳолат муаллиф ҳуқуқ дорад, аввал ба худи ӯ, баъдан, дар сурати ҳал нашудани баҳс, ба суд муроҷиат кунад. Умуман, муаллиф дар ин ҳолат ҳуқуқи бевосита ба суд муроҷиат карданро дорад, аммо барои рафъи ташвишҳои судӣ мувофиқи мақсад мебуд, агар масъала ба таври мусолиҳатомез, бо розигии тарафҳо ҳаллу фасл мешуд.

Дар баъзе ҳолатҳо имкони татбиқи ду навъи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷой дорад. Масалан, муаллиф баробари ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсе, ки асари ӯро бо номи худаш нашр намудааст, даъво мекунад, ки зарари моддию маънавии дар натиҷаи ҷинояти содиршуда ба ӯ расида аз ҳисоби гунаҳгор ҷуброн карда

шавад. Суд ҳангоми баровардани ҳукм даъвои муаллифро баррасӣ намуда, дар сурати исбот шудани далелҳо дар баробари ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси гунаҳгор ӯро (гунаҳгорро) ӯҳдадор месозад, ки зарари моддию маънавии расонидаашро ба андозаи муайян ба муаллиф ҷуброн кунад.

Дар моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқи вобаста ба он» роҳҳои зерини ҳифзи ҳуқуқҳои муаллиф пешбинӣ шудааст:

1) ба ҷои ҷуброни зиён ситонидани даромаде, ки вайронкунанда дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ба даст овардааст;

2) пардохти ҷубронпулӣ дар ҳаҷме, ки аз тарафи суд ба ҷои ҷуброни зарар ва ё ситонидани даромад муайян шудааст.

Нусхаҳои ғайриқонунии асар ё фонограмма бо талаби соҳиби ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ба ӯ дода мешаванд.

Нусхаҳои ғайриқонунии асар ё фонограммае, ки аз тарафи соҳиби ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он талаб карда нашудаанд, бояд нобуд карда шаванд.

Мавод ва таҷҳизоте, ки барои тайёр кардан ва таҷдиди нусхаҳои ғайриқонунии асарҳо ё фонограммаҳо истифода шудааст, нобуд карда ва ё ба фоидаи давлат дода мешавад.

Дар таҷрибаи баъзе давлатҳо, масалан, Россия, Қирғизистон, Қазоқистон барои ҳифзи ҳуқуқҳои граждании муаллиф чораҳои нисбатан мушаххас пешбинӣ шудааст. Масалан, пардохти ҷубронпулӣ тибқи қонунгузории Федератсияи Россия аз 10 000 рубл то 5

миллион рубл мебошад[27]. Дар Қирғизистон пардохти чунин ҷубропулӣ ба миқдори аз 20 то 50 000 маоши ҳадди ақал муқаррар шудааст. Яъне ҷабрдида (муаллифе, ки ҳуқуқаш вайрон шудааст) ҳуқуқ дорад интихоб кунад, ки кадом чораро истифода барад. Дар мавриде, ки қонунгузор маблағи муайянеро барои вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллиф муқаррар мекунад, муаллиф ҳангоми ба суд муроҷиат кардан метавонад андозаи маблағи рӯёнидамешударо тахминан пешбинӣ кунад. Мутаассифона, миқдори пардохти ҷубронпулӣ дар қонунгузории мо мушаххас нашудааст ва даровардани чунин тағйироту иловаҳо, бешубҳа, ба манфиати ҳифзи ҳуқуқи муаллиф хоҳад буд.

[27] Споры об интеллектуальной собственности. Все позиции Высшего Арбитражного Суда РФ. – М.: ООО «Тимотиз Лигал Паблишинг Раша», 2010. С. 39-40.

**Замима**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

"ДАР БОРАИ ТАДБИРҲОИ ТАЪМИНИ ВОРИДШАВӢ БА ШАБАКАҲОИ ИТТИЛООТИИ ҶАҲОНӢ"

Бо мақсади таъмини воридшавӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ, дар сатҳи замонавии техникӣ ташкил намудани мубодилаи байналхалқии иттилоот ва ҷорӣ намудани технологияи замонавии таҳияи аснод дар дастгоҳи давлатӣ фармон медиҳам:

1. Дар сохтори дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба теъдоди умумии 7 воҳид Маркази иттилоотию техникӣ оид ба рушд ва хизматрасонии системаи автоматикунонидашудаи таҳияи аснод дар дастгоҳи давлатӣ таъсис дода, ба зиммаи маркази мазкур тавассути воситаҳои техникии худӣ анҷом додани вазифаи провайдери хизматрасонии Интернет барои мақомоти идораи давлатӣ, аз ҷумла хизматрасонии почтаи электронӣ (e-mail) гузошта шавад.

2. Роҳбари дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳайати муқарраргардида рӯйхати штатӣ ва Низомномаи Маркази иттилоотию техникии дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ намояд.

3. Маркази матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, МИТ "Ховар" ба Маркази иттилоотию техникии дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷойгиронӣ ба шабакаи Интернет оид ба иқтисод, илм, фарҳанг, таърих ва ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишвар маводи иттилоотиро таҳия ва манзур дорад.

Маркази иттилоотию техникӣ пайваст намудани дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба шабакаи Интернет, ҷойгиронӣ ва амали фаъолонаи **МЭҲ** - саҳифаи дахлдорро таъмин намояд.

4. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои зайлро

баррасӣ ва ҳаллу фасл намояд:

- маблағгузории корҳо оид ба ҷиҳозонии Маркази иттилоотию техникии дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳатми ташаккули шабакаи корпоративии компютерӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкили системаи ягонаи автоматикунонидашудаи таҳияи аснод дар дастгоҳи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 19 феврали соли 1997, № 108 пешбинӣ шудааст;

- таъсис ва рушди шабакаи ягонаи давлатии интиқоли маълумот, бо дарназардошти қонеъ намудани талаботи иттилоотии мақомоти давлатӣ, корхонаю муассисаҳо, ташкилот, дигар ашхоси ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликият, инчунин шаҳрвандон;

- таъмини ҳифзи захираҳои иттилоотие, ки дорои сирри давлатӣ ва хизматӣ мебошанд, роҳ надодан ба нусхабардории иттилооте, ки тибқи қонунҳои ҷорӣ паҳн кардани онҳо манъ аст;

- истифодаи хатҳои алоқаи байнишаҳрӣ ва байналхалқӣ аз ҷониби операторони шабакаҳои маҳаллии интиқоли маълумот, дигар абонентҳои ҷумҳурӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва байналхалқӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои махсусгардонидашуда (системаҳои бонкӣ, хадамоти идораи ҳаракати ҳавоӣ ва ғайра);

- ҳамоҳангсозии пахши иттилооти расмӣ оид ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон тавассути шабакаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла тавассути Интернет;

- танзими меъёрию ҳуқуқии масъалаҳои вобаста ба таҳия ва паҳн намудани маводи зикргардидаи махзанҳои иттилооти тавассути шабакаҳои интиқол.

5. Назорати иҷрои фармони мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ш. Душанбе аз 16 сентябри соли 1999, № 1347

# ҚАРОРИ

## Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Шабакаи ҷумҳуриявии таҳвили маълумот ва тадбирҳои танзими воридшавӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ»

Ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 1999, № 1347 "Дар бораи тадбирҳои таъмини воридшавӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Зарур даниста шавад, ки дар заминаи шабакаи Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи (ҶСШК) " Тоҷиктелеком " Шабакаи ҷумҳуриявии таҳвили маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ШҶТМ) таъсис дода шуда, минбаъд ба он шабакаи корпоративие, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 1997, № 108 "Дар бораи ташкил намудани системаи ягонаи автоматикунонидашудаи таҳияи аснод дар дастгоҳи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ташкил мешавад, бо тартиби муқаррааргардида пайваст карда шавад.

ҶСШК "Тоҷиктелеком" ҳамчун ба ҳайси оператори давлатии Шабакаи ҷумҳуриявии таҳвили маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад ва ҶСШК "Тоҷиктелеком" бо тартиби муқаррааргардида ба ҳуҷҷатҳои таъсисӣ тағйироти дахлдорро тибқи ҳамин қарор ворид намояд;

2. Мақомоти давлатӣ ва шахсони ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда ҳифзи захираҳои иттилоотии дорои сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшавандаро таъмин намуда, ба паҳн гардидани иттилооти дорои даъвати зӯран сарнагун кардан ё тағйир додани сохти конститутсионӣ, паст намудани шаъну эътибори давлат ва Президент, тарғиби ҷанг, зӯроварӣ ва бераҳмӣ, адовати

нажодӣ, миллӣ, иҷтимоиву динӣ, порнография (фоҳишагарӣ), даъват ба содир намудани дигар кирдори ҷиноӣ ва дигар иттилооти паҳншавиашон тибқи қонунгузорӣ манъгардида роҳ надиҳанд.

Назорати таъмини муҳофизати захираҳои иттилоотие, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшавандаро ташкил медиҳанд, ба зиммаи Сарраёсати оид ба масъалаҳои сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

3. Вазифаи таҳияи иттилооти расмӣ доир ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон ва паҳн намудан аз тариқи каналҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Интернет, ба зиммаи Агентии иттилоотии "Ховар"-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

Дар Интернет ҷойгир кардани иттилооти мазкур бо мувофиқаи Маркази иттилоотию техникии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварандаи хизматрасонии Интернет барои мақомоти идораи давлатӣ тибқи тартибе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, сурат мегирад.

4. Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернет дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд (замима мегардад).

5. Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати оид ба масъалаҳои сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои мувофиқашудаи зеринро тибқи

тартиби муқаррargардида пешниҳод намоянд:
а) лоиҳаи қонунҳо:
дар хусуси ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи алоқа", "Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма", "Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ";
б) лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:
"Дар бораи тасдиқи Низомномаи оператори давлатии Шабакаи ҷумҳуриявии таҳвили маълумот";
"Дар бораи таркиб, тартиби лоиҳакашӣ, ҳаҷм ва манбаъҳои сармоягузориҳои зарурӣ мувофиқи марҳилаҳо ва ба кор даровардани шабакаи ҷумҳуриявии таҳвили маълумот".
6. Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати оид ба масъалаҳои сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти консепсияи таҳияшавандаи бехатарии иттилоотӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тадбирҳои ҳифзи иттилоотӣ ба воситаи шабакаи ҷумҳуриявии таҳвили маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшаванда, инчунин доир ба талаботи асосии маҳдуд сохтани дастрасии иттилооте, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳншавиаш манъ буда, бояд ҳангоми лоиҳакашӣ ва истифодаи Шабакаи ҷумҳуриявии таҳвили маълумот риоя карда шаванд, пешниҳод манзур намояд.
7. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тафтиши созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро анҷом дода, ҳангоми ошкор намудани ихтилофот нисбат ба талаботи ҳамин қарор ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодот манзур дорад.
8. Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба барномаҳои сармоягузорӣ лоиҳаҳои таъмини ҳифзи иттилоот ва танзими ҷараёнҳои иттилоотии байни мақомоти идораи

давлатии кишвар ва шабакаҳои байналмилалии компютерӣ, тавсеа ва таҷдиди Шабакаи ҷумҳуриявии таҳвили маълумотро аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, инчунин сармоягузорони хориҷӣ дохил намоянд.

9. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмонов
аз 8 августи соли 2001 № 389
ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 8 августи соли
2001, №389 тасдиқ шудааст

# Қ ОИДАҲОИ
## фароҳамоварии хизматрасонии Интернет дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон

### I. Муқаррароти умумӣ

1. Ҳамин Қоидаҳо фароҳамоварии хизматрасонии Интернет дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Қоидаҳо), тартиб ва шартҳои асосии воридшавӣ ба шабакаи Интернет, фароҳам овардани хизматрасонии Интернет ба абонентҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамоянд.

2. Ҳамин Қоидаҳо мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 1999, №1347 "Дар бораи тадбирҳои таъмини воридшавӣ ба шабакаҳои

иттилоотии ҷаҳонӣ" ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 1997, №108 "Дар бораи ташкил намудани системаи ягонаи автоматиконидашудаи таҳияи аснод дар дастгоҳи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия шудаанд.

3. Ташкил ва иҷораи воситаҳои алоқа дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пайвасткунии техникии абонентҳо ба шабакаи Интернет бо тартиби муқарраргардида ба корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва дигар шахсони ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликият, иҷозат дода мешавад.

Ташкилотҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои дипломатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои алоқаи байналмилалӣ, байнишаҳрӣ, аз ҷумла алоқаи кайҳонии ташкилнамудаашонро танҳо барои эҳтиёҷоти хусусии технологӣ истифода мебаранд.

4. Иҷрои ҳамин Қоидаҳо барои тамоми истифодабарандагони шабакаи Интернет дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад.

Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки дар ҷараёни анҷом додани фаъолият оид ба фароҳам овардани хизматрасонии Интернет ба камбудиҳо роҳ додаанд, мутобиқи тартиби муқарраргардида ҷавобгар мебошанд.

## II. Мафҳумҳои асосӣ

5. Интернет маҷмӯи хадамоти гуногуни телематӣ ва хадамоти таҳвили маълумот мебошад, ки дар шабакаҳои алоқаи мухталифи гуногунтаркиби байни худ ба меъмории мантиқан ягона муттаҳидгардида ва дар асоси протоколҳои байналмилалии таҳвили маълумот бунёдгардида асос ёфтааст.

6. Протокол маҷмӯи қоидаҳое мебошад, ки андоза ва расмиёти мубодилаи иттилоотро танзим мекунад.

7. Таҳвили маълумот (ТМ) навъи телекоммуникатсия мебошад, ки мубодилаи иттилооти башаклдаровардашуда (аломат, сигналҳо) - ро таъмин карда, барои коркард дар мошинҳои электронию ҳисоббарорӣ таъин шудааст ё аллакай аз тариқи онҳо коркард шудааст.

8. Шабакаи таҳвили маълумот (ШТМ) маҷмӯи ҷузъҳо ва каналҳои телекоммуникатсионӣ мебошад, ки барои таъмини таҳвили маълумот байни истифодабарандагони тақсимгардидаи ШТМ таъин шудааст.

9. Провайдер - оператори хадамоти телематикие, ки пайвасткунии техникии абонентҳоро ба шабакаи Интернет анҷом медиҳад.

## III. Тартиби фароҳам овардани воридшавӣ ва хизматрасонии Интернет

10. Фароҳам овардани воридшавӣ ва хизматрасонии Интернет, ҳамчунин муносибатҳои мутақобилаи провайдерҳо бо абонентҳо дар асоси шартнома мутобиқи муқаррароти бобҳои 26-28 ва моддаҳои 797-803 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

11. Арзиши хизматрасониҳо мутобиқи моддаҳои 456 ва 800 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

12. Провайдер қабл аз бастани шартнома бо абонент ӯҳдадор аст оид ба масъалаҳои зерин маълумоти дуруст пешниҳод намояд:

хизматҳое, ки провайдер мерасонад;

тарифҳо барои ин хизматрасониҳо;

тартиби пайвастан ва хизматрасонй;

қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернет;

имкониятҳои техникии шабакаҳои таҳвили маълумот;

сифати хизматрасонӣ.

13. Шартнома байни провайдер ва абонент бояд дар шакли хаттӣ тартиб дода шавад ва инҳоро муайян намояд:

номгӯйи хизматҳои расонидашаванда ва арзиши онҳо;

ӯҳдадориҳои провайдер;

ӯҳдадориҳои абонент;

системаи ҳисоббаробаркунӣ байни провайдер ва абонент;

масъулияти тарафҳо;

мӯҳлати амали шартнома ва шартҳои бекор кардани он;

ҳаллу фасли баҳсҳо;

дигар шартҳое, ки қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд.

14. Баъди бастани шартнома бо абонент провайдер реквизитҳои суроғавии онро хабардор месозад (фазои суроғавӣ, номҳои домейнӣ), пайвастани абонентро ба шабакаҳо таъмин месозад, доир ба тартиби воридшавӣ ва кор дар шабакаҳои таҳвили маълумот дастур медиҳад, таҷҳизоти заруриро тавсия менамояд.

## IV. Ӯҳдадорӣ ва ҳуқуқҳои провайдер дар хизматрасонии Интернет

15. Провайдер ӯҳдадор аст:

а) фаъолияти худро мутобиқи ин Қоидаҳо анҷом диҳад;

б) корҳо ва пешниҳоди хизматрасониро мутобиқи шартномаҳои бо абонентҳо басташуда иҷро намояд;

в) иттилоот, таъминоти барномавӣ ва дигар маҳсулоти дорои хусусияти иттилоотиро ҳифз намояд;

г) маҳдуд сохтани воридшавӣ ба иттилооти ҳифзшуда ва хизматиро таъмин намояд;

д) нигоҳдорӣ, ягонагӣ, ҳифз ва амнияти иттилооти дар сервери провайдер ҷойгиршудаи абонент, инчунин

ҳифзи воридшавии беиҷозати таъминоти барномавии шабакавӣ ва захираҳои иттилоотии абонентҳоро таъмин намояд, ба вайрон гардидани махфияти ахборот роҳ надиҳад. Иҷозати воридшавӣ ба мазмун ва реквизитҳои ахбороти электронӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба мақомоти амният ва ҳифзи ҳуқуқ метавонад дода шавад;

е) хусусиятҳои воридшавӣ ба шабакаҳои таҳвили маълумотро ба дигар ташкилотҳо ё шахсони воқеӣ надиҳад, махфияти онҳоро таъмин намояд;

ж) воридшавии бемонеаи объектҳои худро ба кормандони Бозрасии давлатии алоқаи Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои давлатии дорои ҳуқуқҳои дахлдор таъмин намояд, бо дархости онҳо иттилооти дар доираи салоҳияти онҳо қарордоштаро пешниҳод намояд, саривақт дастурҳои онҳоро иҷро кунад;

з) ҳисоббаробаркуниҳоро бо абонентҳо барои фароҳам овардани хизматрасонӣ мутобиқи шартнома анҷом диҳад, бо дархости абонент оид ба ҳолати ҷории ҳисоббаробаркуниҳои мутақобила маълумот муҳайё созад;

и) бо тартиби муқарраргардида шикоятҳои абонентро баррасӣ намояд. Ҳангоми ба миён омадани баҳсҳои молиявӣ ба истифодабаранда иттилооти муфассалро оид ба истифодаи Интернет пешниҳод намояд;

к) абонентро пешакӣ дар ин хусус огоҳ созад:

қатъ намудани он аз шабакаи таҳвили маълумот ҳангоми аз ҷониби абонент риоя нагардидани шартҳои шартнома ё ин Қоидаҳо ё бо сабабҳои вобаста ба вазъияти фавқулодда;

тағйир додани номгӯйи хизматҳои расонидашаванда, тартиб ва шартҳои расонидани хизматҳо; тағйир додани

тарифҳо барои хизматрасонӣ;

тағйири низоми кор;

тағйир ёфтани реквизитҳои суроғавии абонент;

л) аз абонент риояи ин Қоидаҳоро талаб намояд.

16. Провайдер ҳуқуқ дорад:

бо тариқи суд амали шахсонро барои маҳдуд намудани фаъолияти ӯ, агар тавассути ин амалҳо ҳуқуқҳои он вайрон шуда бошанд, шикоят намояд;

шартномаро қатъ намояд ё амали шартномаро бо абонент дар ҳолатҳо ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартнома боздорад.

## V. Ӯҳдадорӣ ва ҳуқуқҳои абонент

17. Абонент ӯҳдадор аст:

а) шабакаи таҳвили маълумотро барои таҳвили маълумоте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирре, ки қонун онро ҳифз мекунад, истифода накунад;

б) тавассути шабакаи таҳвили маълумот ахборотеро, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн кардани онҳоро манъ намудаанд, паҳн накунад;

в) паҳн намудани маводи аз шабакаҳои таҳвили маълумот бадастовардаро, агар он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқобил бошад, истифода набарад;

г) барои воридшавии ғайриқонунӣ ба захираҳои шабака ва шикастани ҷузъҳои муҳофизатии шабака иқдом накунад, ҳамлаҳои шабакавӣ (инчунин таъсиси трафики паразитӣ) ва ҳамчунин дигар амалҳоеро, ки метавонанд фаъолияти мӯътадили қисмҳои шабакаро вайрон кунанд, анҷом надиҳад;

д) тариқи шабакаҳо маълумотеро, ки шаъну эътибори

абонент ва операторҳои шабакаро таҳқир менамояд, паҳн накунад;

е) ба таври оммавӣ ба ҳар тараф фиристодани ахбори электронии пешакӣ мувофиқанагардидаро (spam) анҷом надиҳад, ҳамчунин ба гирандагоне, ки қаблан барои дарёфти ин ахбор хоҳиш накарда буданд, ахбор нафиристад;

ж) дар шабакаҳои таҳвили маълумот ҳамагуна ахбор ё таъминоти барномавиеро, ки ба таври ошкоро дар худ вирусҳои компютерӣ ё дигар ҷузъҳои барои шабакаҳо зиёновар доранд, ба каси дигар надиҳад, нафиристад, аз нав ҳосил ё паҳн накунад;

з) ҳуқуқҳои шартномавии пешниҳоди хизматрасонии шабакаи таҳвили маълумотро ба шахсони сеюм надиҳад;

и) барои хизматрасониҳои пешниҳодгардида саривақт пардохт ворид намояд;

к) провайдерро аз ҳолатҳои зерин огоҳ намояд:

дар хусуси тамоми нодурустиҳои система ва таъминоти барномавӣ;

дар хусуси тағйир ёфтани реквизитҳои худ;

дар хусуси қатъ гардидани амали шартнома бо тартиби яктарафа доир ба ин на дертар аз як моҳ огоҳ намояд;

л) тамоми шартҳои шартномаи бо оператор (провайдер) басташударо иҷро намояд.

18. Абонент ҳуқуқ дорад:

а) мутобиқи шартнома аз хизматрасониҳои провайдер истифода намояд;

б) ҳангоми иҷро нагардидан ё иҷроиши нокифояи ӯҳдадориҳои ӯ тибқи шартнома ба провайдер эътироз баён намояд ва мутобиқи қонунгузории шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зарурӣ иҷро гардидани ӯҳдадориҳои тибқи ин шартнома ба зиммаи худ гирифтаро талаб намояд;

в) бо тартиби пешбининамудаи боби 28 Кодекси

граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаро бо провайдер бекор намояд;

г) дар ҳолате, ки агар провайдер шартҳои шартномаро қатъиян риоя накунад ва дар натиҷа сифати хизматрасониҳои пешниҳодгардида бад шавад, абонент ҳуқуқ дорад бо хоҳиши худ инҳоро талаб намояд:

ба таври ройгон бартараф намудани камбудиҳои муқарраргардида;

мутобиқан кам кардани андозаи пардохти корҳои иҷрошуда ва (ё) хизматрасониҳои пешниҳодгардида;

иҷрои такрории корҳо ва (ё) хизматрасониҳои пешниҳодгардида бе пардохти иловагӣ;

ба ивази чунин корҳо ва (ё) хизматрасониҳои пешниҳодгардида хизматҳои дорои хусусиятҳои истеъмолии шабеҳро иҷро намояд;

қатъ намудани шартнома бо ҷуброни пурраи зарарҳои расонидашуда;

д) ба суд аз амалҳои провайдер, шахсони дигар барои маҳдуд намудани фаъолияти абонент, агар тавассути ин фаъолиятҳо ҳуқуқҳои он вайрон гардида бошад, шикоят намояд.

# Сарчашмаҳои истифодашуда

1. Антон Серго. Домейнные имена в свете нового законодательства. – М.: ГОУ ВПО РГИИС, 2010. – 277 с.

2. Борохович Л., Монгастырская А., Трохова М. Ваша интеллектуальная собственность. – СПб., 2001. – 410 с.

3. Гаврилов Э.П., П.Круг. Интеллектуальная собственность на телевидении и радио.- М., 1998. – 163 с.

4. Гаврилов Э.П. Комментарий к закону РФ "Об авторском праве и смежных правах". Судебная практика . - М.: Экзамен, 2002. - 352 с.

5. Германия: интернет и государство. URL: http://cerkov.by/page/germanija-internet-i-gosudarstvo (санаи воридшавӣ ба сайти мазкур – 6.04.2011 ).

6. Интернет в Китае. URL.: http://www.rian.ru/world/20100113/204310750.html (санаи воридшавӣ ба сайти мазкур – 7.01.2011 ).

7. Исследование электронной готовности Республики Таджикистан. Душанбе 2010. Зери таҳрири Рустам Қосимов. Душанбе. – 100 с.

8. Копцева О. В. Права в интернете: защищаем свои идеи, фото и видеоматериалы, контент сайт а, программы и т.д. – М.:Эксмо, 2010. – 256 с.

9. Монахов В.Н. Свобода массовой информации в интернете. Правовые условия реализации. – М.: Галерия, 2005. - 416 с.

10. Муқимов Н. Ҳуқуқи муаллиф.-Душанбе. 2004. – 160 с.

11. Невская М. А., Сухарев Е.Е., Тарасова Е.Н. Авторское право в издательском бизнесе и СМИ: Практичесое пособие. – М.: Издательско- торговая корпорация «Дашков и К», 2010. – 300 с.

12. Споры об интеллектуальной собственности. Все позиции Высшего Арбитражного Суда РФ. – М.: ООО «Тимотиз Лигал Паблишинг Раша», 2010. – 486 с.

13. Толковый словарь .: Интернет-термины. URL.: http://your-hosting.ru/terms/ra/ (санаи воридшавӣ ба сайти мазкур – 5.02.2011 ).

14. Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL.: http://www.president.tj/habarho_040211.html (санаи воридшавӣ ба сайти мазкур – 10.01.2011 ).

## Санадҳои меъёрии ҳуқуқии истифодашуда

15. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон 1994.

16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 26 марти соли 2009, № 506. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №3, мод.99.

17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», аз 18 июни соли 2008, № 411. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2008, № 6, мод.469.

18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003, № 34. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №8, мод.457; соли 2007, №7, мод. 432; соли 2008, №10, мод. 824.

19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 14 декабри соли 1990, №199. (Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон соли 1990, №24, мод.421; соли 1992, №10, мод.144; соли 1992, №11,мод.175; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1996, №3, мод.48; соли 1997, №23-24, мод.333; соли 1999 № 12, мод.335; соли 2002, №4 қ-1, мод.269.

20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 13 ноябри соли 1998, №727. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998, № 23-24, мод.348; соли 2003, № 8, мод.450; соли 2006, №3, мод. 153.

21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10 майи соли 2002, № 55 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002, №4, қ - 2, мод. 322.

22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти соли 2011, №687 // Садои мардум, 1 апрели соли 2011, №40-43 (2712-27-15)

23. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998, № 9, мод. 68,69; №22, мод. 306; соли 1999, №12, мод. 316; соли 2001, № 4, мод. 149, 167; соли 2002, №11, мод. 675, 750; соли 2003, № 8, мод. 456, 468; соли 2004, №5, мод. 346; №7, мод. 453; соли 2005, №3, мод. 126; №7, мод. 399; №12, мод. 640; соли 2007, №7, мод. 665; соли 2008, №1 қисми 1, мод. 3; №6, мод.444, 447; №10, мод.803; №12, қисми 1, мод.986, қисми 2, мод. 992; соли 2009, № 3, мод.80.

24. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) аз 30 июни соли 1999, № 803 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999, № 6, мод. 153; соли 2001, № 7, мод. 508; соли 2002, № 4, г-1, мод. 170; соли 2005, №3, мод. 125; соли 2006, №4, мод. 193; соли 2007, №5, мод.356.

25. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008, №12, қисми 1, мод. 989.

## Рӯйхати калимаҳои ихтисоршуда

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон
ИҶ – Иттиҳодияи ҷамъиятӣ
ВАО - Воситаҳои ахбори омма
КМҶ – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ
КГ - Кодекси граждании
КҲМ- Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ
КҶ- Кодекси ҷиноятӣ
МИТ – Маркази иттилоотии Тоҷикистон
ҶСШК – Ҷамъияти саҳомии шакли кушода
IP - Протоколи интернет
ТИК - Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ
РМА – Рақами мушаххаси андозсупоранда

# ИТТИЛООТ ДАР ИНТЕРНЕТ:
# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ

Муаллиф: номзади илмҳои ҳуқуқ **У. А. Меликов**
Муҳаррир: номзади илми филология **А. Абдуманонов**
Мусаҳҳеҳ: **Д. Д. Назаров**
Ориши **Ш. Мадалиев**

Ба матбаа28.05.11 таҳвил гардид. Чопаш 03.06.2011
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 60x84 1/16.
Ҷузъи чопии шартӣ 6,5. Адади нашр 1000 нусха.
Супориши № 76. Нархаш шартномавӣ.

Дар матбааи ҶДММ «Эр-граф» ба табъ расидааст.
734036, ш.Душанбе, кӯчаи Р.Набиев 218.

Тел.: 37.881-15-16, 227-39-92, 907.37-37-26